ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯ

# ҲИСОБОТ

# ОИД БА НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ АКАДЕМИЯИ ВКД ДАР СОЛИ 2017

Ҳисобот дар ҷаласаи Шӯрои олимони
Академияи Вазорати корҳои дохилии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25 январи соли 2018 муҳокима ва
тасдиқ карда шудааст

Мураттибон:
Сарнозир оид ба робитаҳои байналмилалии Академияи ВКД,
подполковники милитсия Каримова Л.М.;
Ходими калони илмии ШТИ ва ТН Академияи ВКД,
майори милитсия Хабирова Т.А.

ДУШАНБЕ 2018

Мундариҷа


Пешгуфтор ...........................................................................................................
Ҳисоботи солона ...................................................................................................
Факултети № 1 ......................................................................................................
Кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ......................................
Кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ.......................................
Факултети № 2.......................................................................................................
Кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ...................................................................................
Кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ .........................................................................
Кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психология ......................................
Кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ .................................................................................
Кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ .............................................................
Кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурӣ…………………………..
Кафедраи фанҳои ҳуқуқӣ-граждани̇ .......................................................................
Кафедраи забонҳо ..................................................................................................
Кафедраи тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонӣ .................................................
Факултети № 3.......................................................................................................
Кафедраи фанҳои муҳандисӣ-техникӣ....................................................................
Кафедраи такмили ихтисос.....................................................................................
Факултети № 4 ......................................................................................................
Кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ...................................................................................
Кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ .........................................................................
Кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавӣ ..............................................................
Кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ .............................................................
Кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурӣ ..............................................
Кафедраи фанҳои ҳарбӣ-хизматӣ…………………………………………………
Кафедраи тайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисос…………………………...
Кафедраи омодагии касбӣ ва ҷисмонӣ…………………………….…………….
Факултети № 5……………………………………………………………….…….
Кафедраи бехатарӣ аз сӯхтор………………………………………………
Кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқуллода…………………………………………
Факултети № 6………………………………………………………………..….
Кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ…………………………
Кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятӣ…………………,…………………………………………………………………
Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону устодон ва кормандони илмии факултети № 1 Академияи ВКД ҶТ дар соли 2017………………………………..
Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону устодон ва кормандони илмии факултети № 2 Академияи ВКД ҶТ дар соли 2017……………………..………….
Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону устодон ва кормандони илмии факултети № 3 Академияи ВКД ҶТ дар соли 2017…………………………….….
Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону устодон ва кормандони илмии факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ дар соли 2017……..……………………….
Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону устодон ва кормандони илмии факултети № 5 Академияи ВКД ҶТ дар соли 2017…..…………………………
Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону устодон ва кормандони илмии факултети № 6 Академияи ВКД ҶТ дар соли 2017…...……………………………
Шумораи умумии омӯзгорон дар Академияи ВКД ҶТ дар соли 2017 ..........................
Нашри маводи илмӣ-методии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони илмии Академияи ВКД ҶТ дар соли 2017 .............................................................................
Миқдори конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва мизҳои мудавваре, ки дар Академияи ВКД ҶТ дар соли 2016 гузаронида шудаанд…………………………………………

Миқдори маърӯзаҳое, ки аз ҷониби омӯзгорони Академияи ВКД дар конференсияҳои дараҷаҳои гуногун пешниҳод карда шудаанд………………………………………..……
Пешниҳодот ...........................................................................................................

# ПЕШГУФТОР

## оид ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017

Академияи Вазорати корҳои дохилӣ ба сифати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар тарбияи кадрҳои баландихтисос барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми назаррас дошта, кормандону хатмкунандагони он дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини волоияти қонун ва таҳкими сулҳу суботи кишварамон фидокорона заҳмат кашида, ба Ватан ва халқи Тоҷикистон содиқона хизмат карда истодаанд.

*(Суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи бинои нави таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.08.2017).*

Профессорону омӯзгорон, докторантону адъюнктон ва шунавандагону курсантони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 дар раванди иҷрои Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ба натиҷаҳои муайян ноил гардида, барои татбиқи он кӯшиши беандоза сарф кардаанд. Соли ҷорӣ коллективи Академияи ВКД динамикаи мусбиро дар самти фаъолияти илмӣ нигоҳ дошта тавонист.

Саъю кӯшишҳои ҳайати олимони Академияи ВКД баҳри дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ оид ба илм ва техника, иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди тадқиқотҳои илмӣ ва иҷрои як қатор чорабиниҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин худи Академияи ВКД равона карда шуда буданд.

Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 ҳамчун «Соли ҷавонон» эълон гардид, ки ба муносибати он дар саросари кишвар як силсила чорабиниҳои илмӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ баргузор гардидданд. Эълон гардидани соли 2017 ҳамчун «Соли ҷавонон» иштироки ин қишри ҷомеаро дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа аз ҷумла дар самти фаъолияти илмӣ тадқиқотӣ фаъол намуд.

Дар соли 2017 ба муносибати 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ифтитоҳ гардидани бинои нави Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он дар Осиёи Марказӣ ҳамто надорад як туҳфаи арзанда барои ҳайати профессорону омӯзгорон, адъюнктону унвонҷӯён, шунавандагону курсантон ба ҳисcоб рафта дар оянда ҷиҳати рушди фаъолияти илмӣ-тадқиқоти мусоидат менамояд.

30 августи соли ҷорӣ дар маросими ифтитоҳи Академия, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайати профессорону омӯзгорон, адъюнктону унвонҷӯён, шунавандагону курсантонро бо фарорасии соли нави хониш табрик намуд. Маҷмааи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастуру супоришҳои бевоситаи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби фармоишгар Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳакаш Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Корез-лоиҳа» ва пудратчиёни асосӣ – Корхонаи давлатии сохтмонӣ-васлкунии № 2 ВКД

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶДММ «Сари Хосор», Корхонаи воҳиди таъмиру сохтмонии идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶДММ «Сохтмони Кулиён» бо харҷи беш аз 117 миллион сомонӣ бунёд мегардад. Марҳилаи аввали ин маҷмаа аз бинои таълимии 8-ошёна барои 1680 нафар курсант, 2 хобгоҳ барои 800 нафар курсантҳо, бинои истиқоматии 6-ошёнаи 48-ҳуҷрадор барои афсарон, толори варзишӣ ва таваққуфгоҳ барои 50 мошини сабукрав иборат мебошад.

Барои анҷоми марҳилаи аввали сохтмони Маҷмааи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз бинои таълимӣ ва дигар иншооти зарурӣ иборат аст, 69 миллиону 780 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст. Аз ҷумлаи ин маблағҳо аз тарафи Вазорати корҳои дохилӣ барои сохтмон 4 миллион ва бо таҷҳизоту мебел муҷаҳҳаз гардонидани бинои таълимӣ 9,5 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст.

Бинои таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се қисмати А, Б ва В-и ҳампайваст бо таҳхона, бомпӯшҳои ҳамвор ва шервонӣ иборат буда, дорои 8-ошёна мебошад ва масоҳати умумии бино 18 ҳазору 481,2 м2-ро ташкил медиҳад.

Қисматҳои А ва В-и бинои таълимӣ дорои хазинаи китобхона барои 144 400 китоб бо 2 толори хониш барои 35 ҷойи нишаст, китобхонаи электронӣ бо толори тестқабулкунӣ, 2 толори лексионии гурӯҳӣ бо 245 ҷойи нишаст, толори маҷлисгузаронӣ барои 433 ҷойи нишаст, 90 синфхонаи таълимӣ, аз он ҷумла: синфхонаҳои махсуси криминалистӣ 1 адад, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ 1 адад, ронандагӣ 1 адад, таҷҳизоти махсус 1 адад, бехатарӣ аз сӯхтор 1 адад, утоқи машварати олимон 1 адад ва синфхонаҳои компютерӣ дар ҳар блоку ошёнаҳо 13 адад мебошад.

Дар ошёнаҳои 1 ва 2-юми блоки Б-и бино утоқи навбатдорон, утоқҳои проректорон, қабулгоҳ, утоқи кории ректор, толори хурди маҷлис ва қабули меҳмонон ҷойгир мебошад.

Дар ошёнаи 3-юм то 8-уми бино утоқҳои деканҳо, муовинони деканҳо, мудирони кафедраҳо, утоқҳои корӣ, утоқҳои муаллимон, утоқҳои хоҷагидорӣ ва дигар утоқҳои ёрирасон ҷойгиранд.

Робита дар байни ошёнаҳои бинои нав бо 5 зинапоя ва 2 лифти мусофиркаши замонавӣ таъмин карда мешавад.

Пас аз ифтитоҳи бинои нави Академияи ВКД як қатор чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ гузаронида шуд, аз ҷумла ташрифи намояндагони ташкилотҳои байналмилалие, ки Академияи ВКД бо онҳо пайваста ҳамкорӣ менамояд, намояндагони Бунёди Ҳаннс Зайдел дар Осиёи Марказӣ – доктор Макс Геогр Майер, атташе оид ба масъалаҳои ҳуқуқии Департаменти адлияи ИМА/БТФ (FBI) Сафоратхонаи ИМА дар ш.Остона, Ҷеймс Берг – мушовир оид масъалаҳои адлияи Департаменти адлияи ИМА дар ш.Душанбе, Девид Рубино – роҳбари Филиали Ассосиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико Барномаи Волояти Қонун дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ), намояндагони САҲА дар Тоҷикистон, намояндагони Сарраёсати бехатарии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Туркия Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Носир Хон Ҷанҷуа сардори Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Россия дар ш.Красноярск (Сибир), генерал-майори политсия Медведев И.А., ёрдамчии сардор оид ба робитаҳои байналмилалӣ, майори политсия Лотс Д.Н., ҷамъбасти «Соли ҷавонон» таҳти унвони «Дар меҳмонии Ректор» ва ғ.

Ҳамзамон, боиси ифтихор аст, ки бо заҳматҳои бевоситаи Вазири корҳои дохилӣ Раҳимзода Р.Ҳ. дар соли равон “Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри чорум» ва «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми махсус. Китоби дарсӣ» аз чоп бароварда шуд, ки ҷиҳати баланд бардоштани нуфузи корҳои илмӣ-тадқиқотии олимону устодони Академия дар миқёси муассисаҳои таълимӣ ва илмии ҷумҳурӣ саҳми арзандае мегузорад. Ба ҳамин монанд боз се

китоби дарсии дигар бо қарорҳои ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нашр тавсияшуда таълиф гардиданд, ки барои аҳли дониш дар соли ҳисоботӣ ҳадяи беназире гашт: 1) Мурофиаи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) (муаллифон: Раҳимзода Р.Ҳ., Шарифзода Ф.Р., Солиев К.Ҳ., Арипов А.Л., Имомназаров Ф.С., Нозиров Н.А., Юлдошев Р.Р.), Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан: учебник (зери таҳрири Н.С. Манова, Ю.В. Францифоров, Р.Р. Юлдошев) ва Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ (муаллифон: Насуриён П.А., Нуралиев С.Ш., Нуриддинзода С.Н.).

Монографияи Вазири корҳои дохилӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро бо номи “Международная контролируемая поставка” масъалаҳои таърихи ташаккул ва рушди институти таҳвили назоратшавандаи байналмилалӣ, ки то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ инъикос нагардидаанд, дарҷ ёфтаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бахшида ба 100-солагии милитсия аз ҷониби сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р. дар ҳаммуаллифӣ бо сардори Коллеҷи милитсия, доктори илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия Назарзода Н.Ҷ. китоби Комиссарҳо – вазирон ва генералҳои МКД Тоҷикистон (1917-2017) нашр гардид, ки ин ҳам барои пос доштани хотираи таърихи ҷавонмардии роҳбарияти воломақоми МКД Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Боиси ифтихор аст, ки 6 апрели соли 2017 дар дар Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия дар шаҳри Москва, аз ҷониби омӯзгори калони кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети №2-и Академияи Вазорати корҳои дохилӣ подполковники милитсия Самиев Назар Мурадович рисолаи номзадӣ дар мавзӯи “Тафтишоти ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои пеш” (Расследование нераскрытых преступлений прошлых лет (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации) барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқ бо ихтисоси “12.00.12 - криминалистика, фаъолияти экспертӣ-судӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” бомуваффақият ҳимоя карда шуд.

Соли ҳисоботӣ боз бо он хотирмон гаштааст, ки ба сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р. ва муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия Солиев К.Ҳ. дар асоси қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри 2017 таҳти № 6/3 ва фармоиши Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 декабри соли 2017 таҳти № 85 унвони илмии ДОТСЕНТ аз рӯйи ихтисоси “Ҳуқуқшиносӣ” дода шуд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки моҳи ноябри соли равон муовини сардори Академияи ВКД оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, полковники милитсия Солиев К.Ҳ. дар ҷаласаи Шӯрои машваратии дар назди Шӯрои Вазирони корҳои дохилии ИДМ моҳи ноябри соли равон бо пешниҳодот иштирок намуд.

Моҳи ноябри соли 2017 профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия Юлдошев Р.Р. аъзои ҳақиқии Академияи илмҳои умумиҷаҳонии амнияти дастаҷамъӣ (всемирная Академия Наук Комплексной Безопасности) гардид.

Бо шарофати таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва расидан ба Ваҳдати комили ҷомеаи Тоҷикистон, ки бо кӯшиш ва талоши Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

насиби мо гардидаанд, имрӯзҳо дар ҳама бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, хосатан мақомоти корҳои дохилӣ музаффариятҳои назаррас дастёб гардиданд.

Албатта чунин дастовардҳое, ки имрӯзҳо дар фаъолияти рӯзмарраи ин ниҳоди қудратманди давлатӣ дар самти таъмини тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди мураккабтарин унсурҳои ҷинояткорӣ, аз ҷумлаи терроризм ва ифротгароӣ ба даст омадаанд, хело зиёд мебошанд.

Аммо метавон хотирнишон сохт, ки мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари чунин масъулияте, ки давлату Ҳукумат дар назди он гузоштаанд, ҳамзамон ба масъалаи таълиму тарбия ва раванди омода намудани кадрҳои миллӣ барои ниёзи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар тавассути Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул мебошад. Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муассисаҳои олии таълимӣ буда, дар баробари омода намудани мутахассисони касбӣ, ҳамзамон масъулияти омода намудани мутахассисони илмӣ-педагогиро низ бар уҳда дорад. Яъне метавон гуфт, ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Академияи ВКД ин ҳам бошад пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебошад, ки самараи хуб ба бор оварда истодааст.

Дар ин ҷода, яке аз хушхабарҳое, ки имрӯзҳо бо ташаббуси бевоситаи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, генерал-лейтенанти милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ба даст омадааст ва ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин кормандони соҳаи илми ҷумҳуриро рӯҳбаланд намудааст, ин бо қарори махсуси Президиуми Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия дар Феҳристи маҷаллаҳои такризшаванда, ки дар онҳо асосан натиҷаҳои илмии тадқиқотҳои диссертатсионӣ ба нашр мерасанд, ворид гардидани маҷаллаи илмии «Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти № 2058 аз 06 июни соли 2017 мебошад.

Эътироф гардидани маҷаллаи илмии Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия далели расман эътироф гардидани маҷаллаи мазкур ва ба низоми ягонаи илми ҷаҳонӣ ворид гардидани он мебошад.

Инчунин маҷаллаи мазкур метавонад ҳамчун дастоварди беназир дар пешбурди фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман олимону донишмандони соҳаи илми ҷумҳурӣ ҳисоб ёфта, заминаи воқеиро барои омода намудани мутахассисони илмӣ-педагогӣ муҳайё созад.

Бояд тазаккур дод, ки маҷаллаи мазкур 12 сентябри соли 2017 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 033/мҷ ба қайд гирифта шудааст ва маводи илмиро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба нашр мерасонад.

Маҷаллаи мазкур аз даврони таъсисёбияш то ба имрӯз тавонистааст чун минбари муаррификунандаи таърихи ташаккулёбӣ ва фаъолияти милитсияи тоҷик хизмат намуда, ҳамзамон мақолаҳои фарогири таърихи ташаккулёбӣ ва инкишофи ин ниҳоди қудратманди давлатиро ба нашр расонад, ки метавонад сарчашмаи зарурӣ барои аз ҷониби муҳаққиқони имрӯз ва оянда чун заминаи бунёдӣ барои анҷом додани корҳои тадқиқотӣ истифода гардад.

Бояд тазаккур дод, ки дар шумораҳои мухталифи маҷаллаи илмии Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари таҳлил ва баррасии масъалаҳои мубрами илмҳои ҳуқуқшиносӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, инчунин паҳлуҳои дигари фаъолияти милитсия аз ҷумлаи муносибатҳои ахлоқӣ-фарҳангӣ, корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ, роҳҳои омода намудани кадрҳои роҳбарикунанда ва такмили ихтисоси онҳо барои МКД ва дигар мавзӯъҳои мубрами замони муосир инъикос ёфтаанд.

Дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ низ саҳми маҷаллаи илмии мазкур назаррас буда, ҷиҳати тақвият бахшидани ҳамкориҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла намояндагони Федератсияи Россия, Ҷумҳурии

Қазоқистон, Ҷумҳурии Беларус ва дигар кишварҳои хориҷӣ мақолаҳои илмӣ-тадқиқотӣ нашр менамоянд, ки ин омил низ метавонад ҳамчун табодули таҷриба барои инкишофи илми ҳуқуқшиносии муосир мусоидат намояд.

Соли 2017 дар Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се самти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ фаъолият ба роҳ монда шудааст, ки онҳо хусусияти дарозмӯҳлат дошта, аз ҷониби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Мавзӯи 1-ум бо номи «Ташаккули консепсияи давлати ҳуқуқбунёд ва бехатар дар Тоҷикистон (солҳои 2015-2017)» («Формирование концепции правового и безопасного государства в Таджикистане (2015-2017 гг.)»), ки аз ҷониби Фонди Президентии тадқиқоти бунёдӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

Мавзӯи 2-юм бо номи «Ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иттилоотии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2016-2020)» («Политико-правовые и информационные аспекты правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан (2016-2020 гг.)») доро мебошад, ки барои 5 сол пешбинӣ шуда, аз ду фасл иборат аст:

**1.** «Такмили асосҳои меъёрӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» («Совершенствование нормативных основ и правоприменительной деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан»);

**2.** «Дастгирии иттилоотии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ Ҷумҳурии Тоҷикистон» («Информационная поддержка деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан»).

Иҷрокунандагони ин мавзӯъ ҳайати олимони самти ҳуқуқшиносӣ ва математикаю техникӣ ба ҳисоб мераванд.

Мавзӯи 3-юм бо номи «Омилҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии каҷрафтории ҷавонон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар профилактикаи ҳуқуқвайронкунӣ» (солҳои 2016-2020) («Социально-политические и социокультурные факторы девиантного поведения молодёжи в современном таджикистанском обществе и деятельность органов внутренних дел по профилактике правонарушений» (2016-2020 гг.)) касб намудааст, ки барои 5 сол пешбинӣ шудааст.

Иҷрокунандагони ин мавзӯъ ҳайати олимони самти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб мераванд.

Мавриди қайд аст, ки мавзӯи 1-ум бо номи «Ташаккули консепсияи давлати ҳуқуқбунёд ва бехатар дар Тоҷикистон (солҳои 2015-2017)» («Формирование концепции правового и безопасного государства в Таджикистане (2015-2017 гг.)»), ки аз ҷониби Фонди Президентии тадқиқоти бунёдӣ маблағгузорӣ карда мешавад дар моҳи июни соли ҷорӣ аз ҷониби иҷрокунандагони он бомуваффақият ба итмом расонида шуд.

Боиси сарфарозист, ки ҷиҳати иҷро намудани бандҳои 2.3. Қарори Мушовараи муштараки Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, ки бо фармони ВКД Россия ва ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2015 таҳти рақами № 1 коб Р-Т/2 “Оид ба ҳолати ҳамкориҳо дар соҳаи омодагии кадрҳо ва таъмини илмии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон” гузаронидани корҳои илмии тадқиқотии муштарак дар соли 2017 мавзӯи “Актуальные проблемы противодействия экстремистской деятельности в Российской Федерации и Республики Таджикистан” аз ҷониби олимону устодони Академияи ВКД - Солиев К.Ҳ., Ҳафиззода Ш.Х., Сафаров Ҳ.С., Юлдошев Р.Р., Ҳайдарзода М.П. ва банди 4 Нақшаи Ассосиатисияи мактабҳои олии ВКД/Политсияи давлат-иштирокчиёни ИДМ иштирок дар тадқиқоти илмии доир ба мавзӯи “Оид ба мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва прекурсорҳо, ҳамчунин муқовимат бо нашъамандӣ дар ҳудуди давлат-иштирокчиёни

ИДМ дар соли 2016” (шарҳи таҳлилӣ)” аз тарафи Арипов А.Л., Нажбудинов М.А., бомуваффақона дар моҳи октябри соли ҷорӣ иҷро гардид.

Боиси таасуф аст, ки банди 4 Нақшаи Ассосиатисияи мактабҳои олии ВКД/Политсияи давлат-иштирокчиёни ИДМ иштирок дар тадқиқоти илмии доир ба мавзӯи “Оид ба мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва прекурсорҳо, ҳамчунин муқовимат бо нашъамандӣ дар ҳудуди давлат-иштирокчиёни ИДМ дар соли 2016” (шарҳи таҳлилӣ)” аз ҷониби сардори кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 2, подполковники милитсия Аҳтамшозода А.С., ки 24 ноябри с.2016 ба ҳайси аъзои гурӯҳи корӣ таъин гардида буд иҷро нагардид.

Дар соли ҷорӣ аз 135 нафар профессорону омӯзгорон ва кормандони илмии Академияи ВКД дар иҷрои фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ 86-нафар (84-нафар дар соли 2016) (дар якҷояги бо омӯзгорон-ҳамкорони дохилӣ (академиявӣ) иштирок намудаанд, ки аз онҳо 29 номзадони илм мебошанд.

Аз 135 нафар профессорону омӯзгорон 105 нафарашон дар факултетҳои №№ 1, 2, 3 ва 5 (ш.Душанбе) ва 30 нафарашон дар факултети № 4 (ш.Хуҷанд) фаъолият менамоянд. Ба ин шумораи умумии омӯзгорон, инчунин дохил мешаванд:

- Муаллим-методистон – 8 нафар;
- Муаллим-методистони калон – 3 нафар;
- Сардорони кабинет – 17 нафар;
- Ходимони илмӣ – 2 нафар;
- Ходимони калони илмӣ – 2 нафар.

Омӯзгороне, ки дар фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ иштирок намекунанд, асосан ба кафедраҳои тактикаи махсус ва омодагии ҷисмонӣ, фанҳои ҳуқуқӣ-граждании (факултети № 2), кафедраҳои фанҳои ҳарбӣ-хизматӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ, (факултети № 4), кафедраи бехатарӣ аз сӯхтор (факултети № 5) кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6 рост меоянд.

Дар соли ҳисоботӣ дар Шӯрои олимони Академия, дар ҷаласаҳои роҳбарият ва ҷаласаҳои машваратии назди сардори Академия 32 (дар соли 2016-28) масъалаҳои ба илм алоқаманд мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд.

Ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ, докторантон, адъюнктони Академияи ВКД фаъолияти илмӣ-тадқиқотиро аз рӯи 28 мавзӯъ иҷро намудаанд, ки аз онҳо 23-тояш мавзӯъҳои кафедравӣ ва 2 мавзӯҳои байналмилалӣ мебошанд.

Нақшаи илмӣ-тадқиқотии Академия барои соли 2017 аз 4 фасл ва самтҳои зерин иборат буд:

– нақшаи гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки дорои 50 зербанд аст;

– нақшаи гузаронидани тадқиқоти диссертатсионӣ (докторӣ ва номзадӣ), ки иборат аз 78 зербанд аст;

– нақшаи гузаронидани конференсияҳо илмӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар, ки дорои 40 зербанд аст;

– нақшаи гузаронидани конференсияҳо илмӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар, ки аз тарафиҷамъиятҳои илмии курсантони Академияи ВКД гузаронида мешаванд, дорои 26 банд аст.

Самти аввал ва муҳими фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия – ин нашр намудани маводи илмию таълимӣ-методӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби роҳбарияти Академияи ВКД оид ба нашри маводи илмию таълимӣ-методӣ диққати махсус зоҳир карда мешавад. Дар соли 2017 теъдоде аз монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои (воситаҳои) таълимӣ ва методӣ аз чоп баромада, пешкаши профессорону омӯзгорон, курсантон ва шунавандагон гардиданд. Қобили қайд аст, ки ин ба пешравии илм ва

чараёни таълим мусоидат менамояд. Нашри китобҳои дарсӣ барои курсантон ва шунавандагон яке аз вазифаҳои аввалиндарачаи ҳайати профессорону омӯзгорон ба шумор рафта, барои баланд бардоштани сатҳи дониши курсантон ва шунавандагон пояи хуберо ташкил медиҳад.

Миқдори умумии нашри маводи илмию методии ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар соли ҳисоботӣ 379 номгӯйро ташкил медиҳад (дар ҳамин давраи соли 2016-296 номгӯй), аз чумлаи онҳо:

| № | Номгӯи мавод | Интишор дар соли 2017 | Интишор дар соли 2016 | Эзоҳ: |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Монография | 8 | 10 | -2 |
| 2. | Китоби дарсӣ | 5 | 2 | +3 |
| 3. | Нашри илмӣ-амалӣ | 14 | 11 | +5 |
| 4. | Дастури (васоити) таълимӣ | 18 | 15 | +3 |
| 5. | Дастури таълимӣ-методӣ | 20 | 25 | -5 |
| 6. | Мақолаҳои илмӣ | 124 | 152 | -30 |
| 7. | Корҳои илмӣ-тадқиқотие, ки дар ҳисоботи соли 2016 бо сабабҳои гуногун ворид нашудаанд | 1 | 5 (мақолаҳои илмӣ) | -4 |
| 8. | Барномаҳои таълимӣ | 18 | 32 | -14 |
| 9. | Тақризҳо | 169 | 46 | +123 |
| 10. | Брошюра | 2 | 1 | +1 |
| 11. | Ҳамагӣ: | 379 | 296 | +83 |

Бояд қайд намуд, ки ичрои Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД дар сатҳи зарурӣ ичро намегардад, ки шаҳодати он дар чадвали дар боло оварда мебошад. На ҳамаи кафедраҳои дахлдор, дар ин самт таваччуҳи хоса зоҳир менамоянд ва дар бисёр маврид ба камаҳамиятӣ роҳ медиҳанд, ки ин ҳолат ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар Академияи ВКД таъсир мерасонад.

Соли чорӣ ба Академияи ВКД 148 (дар соли 2016 – 170) супоришу дархостҳои Ҳукумати Чумҳурии Точикистон, Дастгоҳи ичроияи Президенти Чумҳурии Точикистон ва вазорату идораҳо доир ба баррасӣ, таҳлил, таҳқиқ, омӯзиш ва додани баҳои ҳуқуқӣ, инчунин, таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, барномаҳои давлатию идоравӣ бахшида ба самтҳои мухталифи фаъолият ва ҳаёти чамъиятӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ бахшида ба фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид гардида, саривақт ба онҳо чавоб дар намуди пешниҳоду таклифҳо ва коркардҳо пешкаш карда шуданд. Аз ин коркард ва пешниҳодҳо 64-тои (дар соли 2016 – 53) он танҳо барои такмил додани қонунгузории миллӣ ва беш аз 55 (дар соли 2016 – 60) санадҳои байналмилалӣ равона карда шудаанд.

Таълифи мақолаҳои илмӣ самараи фаъолияти илмии профессорону омӯзгорон ва курсантонро нишон медиҳад. Дар мачаллаи илмии Осори Академияи ВКД Чумҳурии Точикистон мақолаҳои олимону омӯзгорони Академияи ВКД ва дигар муассисаҳои таълимии кишвар ва хоричӣ он нашр мешаванд. Танҳо дар нашрҳои чопшудаи мачаллаи илмии Осори Академияи ВКД Чумҳурии Точикистон № 1 (33), 2 (34), 3 (35) ва № 4 (36) дар умум 82 (87-мақола дар соли 2016) мақолаҳои илмӣ, 6 (9-тақриз дар соли 2016) тақризҳо ба нашр расидаанд, ки аз онҳо 50 (58-мақола дар соли 2016) мақолаҳои профессорону омӯзгорони Академияи ВКД пешкаши аҳли илм гардиданд.

Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар мачаллаи илмии Осори Академияи ВКД Чумҳурии Точикистон 10 (6-мақола дар соли 2016) мақолаҳои илмии олимони хоричи кишвар (ИДМ) ба чоп расидаанд.

Соли равон 20 (40-мақола дар соли 2016) мақолаҳои илмии ҳайати профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар нашрияҳои хоричӣ ба нашр расониданд, ки ин ҳам дастоварди назаррасе дар ин самт мебошад.

Дар умум бошад, аз ҷониби профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар соли равон 122 (186-мақола дар соли 2016) мақолаҳои илмӣ ба нашр расонида шуданд.

Бояд иброз намуд, ки пас аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия расман эътироф гардидани маҷаллаи илмии Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби редаксияи маҷаллаи мазкур талабот нисбат ба қабули мақолаҳои илмӣ пурзӯр карда шуд. Ин боиси он гардид, ки пешниҳоди мақолаҳои илмӣ барои нашр бештар гардиданд, аммо аз сабаби ба талабот (ВАК) ҷавобгӯ набудани баъзе мақолаҳо ба муаллифон баргардонида шуданд. Ҳамчунин, боиси қайд аст, ки дар маҷаллаи мазкур танҳо мақолаҳои илмии самти ҳуқуқ қабул карда мешаванд ва ин сабаби як каме кам нашр шудани мақолаҳо аз ҷониби олимону омӯзгорони Академияи ВКД низ ҳаст. Аз сардорони кафедраҳо хоҳиш карда мешавад, ки қабл аз ба чоп пешниҳод намудани мақолаҳо, онҳоро дар ҷаласаи кафедраҳо муҳокима намуда, арзиши илмӣ доштани онҳоро муайян намоянд. Лозим ба ёдоварист, ки мақолаҳои илмӣ танҳо бо тақризи расмии роҳбарони кафедра ва мутахассисони соҳа ба нашр тавсия карда мешаванд. Талаботҳоро оид ба нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаи илмии Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон дар сомонаи Академия ё дар Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр дастрас намуд.

Дар матбуоти даврӣ (дар маҷаллаю рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ) низ беш аз 150 мақолаҳои сиёсӣ-оммавии устодони Академия дар мавзӯҳои гуногун ба табъ расонида шудаанд.

Профессорону омӯзгорони Академияи ВКД дар таблиғи арзишҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, хусусан наврасону ҷавонон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ватанпарастию хештаншиносӣ, решакан намудани ғояҳои бегонапарастӣ, пешгирӣ намудани пайвастани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, аз ҷумла, иштирок намудан дар задухӯрдҳои мусаллаҳонаи давлатҳои Сурия ва Ироқ, Афғонистон ва ғ., эҳтирому риояи қонун, тарбияи маданияти баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносӣ ба хотири таъмини сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, ободии фардои мамлакат ва наслҳои оянда, давлатдории муосири миллӣ, пешрафти минбаъдаи кишвар ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, инчунин, арҷгузорӣ дар роҳи эъмори давлатдории навини тоҷикон, пайвастани он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон низ саҳмгузор буда, тавассути шабакаҳои телевизиони тоҷик (ТВ-1), баромад кардан дар масҷидҳои ҷомеъ ва масҷидҳои панҷвақта, вохӯрӣ бо аҳолӣ дар мавзӯъҳои номбаршуда суханронӣ кардаанд. Аз ҷумла:

**1.** вохӯрӣ бо аҳли ҷомеа, хусусан бо ҷавонон, инчунин баромад кардан дар масҷидҳои ҷомеъ ва масҷидҳои панҷвақта дар мавзӯи тарғиби арзишҳои ҳақиқии дини ислом, роҳ надодан ба ғояҳои бегонапарастӣ, пешгирӣ намудани гароиши ҷавонон ба ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, иштирок намудан дар задухӯрдҳои мусаллаҳонаи давлатҳои Сурия, Ироқ, Афғонистон ва ғ., тарбияи ҳисси ватандӯстӣ баҳри ободии фардои мамлакат, содиқ будан ба арзишҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик (ш.Душанбе, вилояти Суғд, тӯли моҳи апрели соли 2017, Саидзода З.А. бо маърӯза дар мавзӯи "Афзалияти мазҳаби Абӯҳанифа" ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ);

**2.** вохӯрӣ бо устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мавзӯи "Самтҳои асосии муқовимат бо терроризм" (ш.Душанбе, 07 апрели с.2017). Ташкилкунанда – Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Сафаров Ҳ.С.);

**3.** иштирок дар мизи мудаввари телевизионӣ дар мавзӯи “Ҷалби ҷавонон ба омӯзиши илмҳои дақиқ ва иҷтимоӣ-техникӣ: омилҳо ва натиҷаҳо” (ш.Душанбе, 18 майи с.2017). Ташкилкунанда – Шабакаи 1 (аввал) (Ҷӯраев Р.З., Ҳайдарзода Ш.Ҳ.).

САМТИ ДУЮМИ фаъолияти илмӣ–тадқиқотии Академияи ВКД – ин омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмӣ–педагогӣ маҳсуб мегардад, ки ин раванд сол то сол бо муассисаҳои олии хориҷиву дохилӣ густариш пайдо намуда, барои пешрафти фаъолияти илмӣ–тадқиқотии Академияи ВКД мусоидат менамояд ва дар давраи ҳисоботӣ як қатор дастовардҳо ба даст омадаанд.

Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи олии касбии таълимӣ барномаи таълимӣ–касбии таҳсилоти олиро тибқи стандарти давлатӣ ва самти муайяни таълиму тахассус, тайёрии касбии шаҳрвандон вобаста ба майлу хоҳиш, қобилият ва талаботи меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин ва татбиқ намуда, ҳамчунин тавассути адъюнктура омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ–педагогиро амалӣ мегардонад.

Бинобар ин, ҷиҳати густариш додан ва мустаҳкам намудани махзани илмии Академия, баланд бардоштани нуфузи илмии он дар миқёси муассисаҳои олии таълимӣ ва илмии ҷумҳурӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи маълумот, тахассуси илмӣ ва педагогии шаҳрвандон соли 2014 якумин маротиба шуъбаи адъюнктура таъсис дода шуд, ки тайи се сол фаъолият намуда истодааст. Мақсади асосии таъсис ва ба фаъолият шурӯъ намудани шуъбаи адъюнктура ин омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ–педагогӣ дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо роҳи тақвият додани тайёрии назариявӣ ва тахассусии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шаҳрвандон, аз худ намудани усулу воситаҳои тадқиқоти илмӣ ва мустақилона дар сатҳи баланд анҷом додани корҳои илмӣ, пеш аз ҳама вобаста ба бартараф намудани муаммоҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти корҳои дохилӣ мебошад.

Таъсис ва фаъолияти Шуъбаи адъюнктура бо Фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани аспирантура» аз 11 апрели соли 2014 таҳти № 696 пешбинӣ шуда, барои омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ–педагогӣ аз рӯйи ихтисосҳои илмии гуногун (дар 7 самт) дар шакли таҳсили рӯзона (то 21 нафар) ва таҳсили ғоибона (то 35 нафар) иҷозат дода шудааст.

Ҳоло дар Шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон кадрҳои илмӣ ва илмӣ–педагогӣ аз рӯйи ихтисосҳои илмии зерин омода карда мешаванд:

- 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат;
- 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунитсипалӣ;
- 12.00.03 – ҳуқуқи граждание; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;
- 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
- 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ;
- 12.00.11 – фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва ҳуқуқҳифзнамоӣ;
- 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ–экспертӣ; фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ.

Шуъбаи адъюнктура дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 № 308 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Академияи

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи шуъбаи адъюнктураи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ–педагогӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2014, Низомнома дар бораи тартиби интихоб ва қоидаҳои қабул ба адъюнктураи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2014 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи илму маориф ва мақомоти корҳои дохилӣ таҳиягардида, фаъолият менамояд.

Яке аз шаклҳои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмӣ–педагогӣ ин докторантура мебошад.

Бо мақсади омода ва ҳимоя намудани рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз ҳисоби кормандони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 нафар аз рӯйи ихтисосҳои илмии гуногун вобаста карда шудаанд, ки инҳо мебошанд:

**1.** Мирзоев Саломатшо Бозорбоевич ҳамчун докторант–унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии худро дар мавзуи «Конституционное судопроизводство в Республике Таджикистан в контексте конституционного правосудия мирового сообщества» барои дарёфти унвони дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунитсипалӣ (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 27 феврали соли 2015, Протоколи № 8) зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир ва доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Салников Виктор Александрович;

**2.** Муҳаммадӣ Изатулло Сайфулло (Муҳаммадиев И.С.) ҳамчун докторант–унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии худро дар мавзуи «Особенности деятельности органов прокуратуры Таджикистана в годы Великой Отечественной Войны 1941–1945 гг.: историко–правовой аспект» барои дарёфти унвони дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 27 феврали соли 2015, Протоколи № 8) зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир;

**3.** Сафаров Ҳаётҷон Сайдамирович ҳамчун докторант–унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии худро дар мавзуи «Теоретические, правовые и организационные основы деятельности правоохранительных органов по борьбе с терроризмом (по материалам Республики Таджикистан)» барои дарёфти унвони дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 27 феврали соли 2015, Протоколи № 8) зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир;

**4.** Умари Хайём Амиршо (Умаров Х.А.) ҳамчун докторант–унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии худро дар мавзуи «Правовая политика Республики Таджикистан в сфере противодействия коррупции: проблемы теории и практики» барои дарёфти унвони дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат; (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 27 феврали соли 2015, Протоколи № 8) зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир ва доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Шарипов Тақдиршо Шарипович;

**5.** Юлдошев Рифат Раҳмадҷонович ҳамчун докторант–унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии худро дар мавзуи «Конституционные основы уголовного преследования в странах Центральной Азии и Российской Федерации» барои дарёфти унвони дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 27 феврали

соли 2015, Протоколи № 8) зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Михайлов Виктор Александрович;

**6.** Алимардонов Манучеҳр Усмонович ҳамчун докторант–унвонҷӯи Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Становление и развитие таджикской советской и суверенной государственности (1917 г. – начало XXI века): историко–правовое исследование» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат зери мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир тадқиқоти илмӣ бурда истодааст (тасдиқ дар Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2015, Протоколи № 3).

Раванди таълим ва фаъолияти илмӣ–тадқиқотии адъюнктон ва унвонҷӯён тибқи Нақшаи таълимӣ барои тайёр намудани адъюнктон (ҳам барои шакли таҳсили рӯзона ва ҳам ғойибона) ба танзим даровардa шудааст.

Ҷиҳати иҷрои Нақшаи таълимии дар боло қайдшуда барои адъюнктони соли таҳсили 2016–2017 аз 04 январи соли 2017 то 07 феврали соли 2017 (семестри якум) ва аз 01 июни соли 2017 то 14 июли соли 2017 (семестри дуюм) машғулиятҳои дарсӣ ташкил ва гузаронида шуданд. Адъюнктони курси якуми таҳсили рӯзона ва ғойибона аз фанҳои таълимии зерин ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд:

1. Таърих ва фалсафаи илм (84 соат);
2. Педагогика (20 соат);
3. Педагогикаи мактаби олӣ (20 соат);
4. Психология (20 соат);
5. Психологияи мактби олӣ (20 соат);
6. Асосҳои методологии тадқиқоти илмӣ (10 соат);
7. Асосҳои ҳуқуқӣ–ташкилии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (10 соат).

Машғулиятҳоро номзадони илм, аз ҷумла аз фанни таърих ва фалсафаи илм – номзади илмҳои фалсафа, полковники милитсия Ҷураев Р.З.; педагогика – номзади илмҳои педагогӣ, полковники милитсия Ҳайдарзода Ш.Ҳ.; педагогикаи мактаби олӣ – номзади илмҳои педагогӣ, полковники милитсия Ҳайдарзода Ш.Ҳ.; асосҳои методологии тадқиқоти илмӣ – номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия Юсуфзода А.Ҳ.; асосҳои ҳуқуқӣ–ташкилии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия Юсуфзода А.Ҳ.; психология – полковники милитсия Асламов Б.С.; психологияи мактаби олӣ – полковники милитсия Асламов Б.С. гузарониданд.

Ҷиҳати иҷрои Нақшаи таълимии дар боло қайдшуда барои адъюнктони курси дуюм таҳсили рӯзона ва ғойибона аз 13 феврали соли 2017 то 07 марти соли 2017 (семестри якум) ва аз 02 июни соли 2017 то 30 июни соли 2017 (семестри дуюм) машғулиятҳои дарсӣ ташкил ва гузаронида шудаанд. Адъюнктони курси дуюми таҳсили рӯзона ва ғоибона аз фанҳои таълимии зерин ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд:

- Технологияи информатсионӣ дар соҳаи илм ва таҳсил (20 соат);
- Забони хориҷӣ (76 соат);

Машғулиятҳоро докторон ва номзадони илм, аз ҷумла аз фанни технологияи информатсионӣ дар соҳаи илм ва таҳсил – номзади илмҳои техникӣ Нарзуллоев С.А.; забони хориҷӣ – доктори илмҳои филологӣ Саидов Ҳ.С. гузарониданд.

Инчунин, санаи 10–уми марти соли 2017 дар шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аттестатсия барои адъюнктони соли таҳсили якуми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Комиссия дар натиҷаи санҷиши маводи адъюнктон ба хулоса омад, ки адъюнктони зерин барои гузаштани аттестатсияи солона роҳ дода шаванд ва аз

курси якум ба курси дуюм гузаронида шаванд (фармони сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14–уми марти соли 2017 таҳти № 150):

1. Умарҷони Эмомалӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01;
2. Файзуллоев Абдуматин Изатуллоевич аз рӯи ихтисоси 12.00.03;
3. Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад аз рӯи ихтисоси 12.00.08;
4. Раҷабзода Ҷаҳонгир Иброҳимӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09;
5. Саидова Меҳрубон Акбархоновна аз рӯи ихтисоси 12.00.08;
6. Ашурзода Абдуҷалил Ҳалил аз рӯи ихтисоси 12.00.09.

Дар натиҷаи санҷиши маводи адъюнктон Зарифов М.И. ва Мазоризода Э.Ф. комиссия ба хулоса омад, ки ба онҳо барои ислоҳи камбудиҳо муҳлати санҷишӣ (3 моҳ) дода шавад.

Комиссияи мазкур дар натиҷаи санҷиши маводи адъюнктон Сафаров С.Л., Сабуров Н.Н., Фозилов Х.Ф. ва Муминов Д.Х. ва натиҷаи фаъолияти илмӣ–тадқиқотии онҳоро омӯхта ва ба хулоса омад, ки бинобар сабаби иҷро накардани талаботи Нақшаи кори инфиродӣ аз адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шаванд. Дар асоси хулосаи Комиссия адъюнктон Сабуров Н.Н., Муминов Д.Х. ва Фозилов Х.Ф. бо фармони сардори Академия таҳти № 149 аз 14 марти соли 2017 бинобар сабаби иҷро накардани талаботи Нақшаи кори инфиродӣ хориҷ карда шудаанд.

Бояд зикр намуд, ки чун солҳои қаблӣ соли 2017 низ қабули довталабон ба адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ҳафт ихтисоси илмӣ (12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат; 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи муниципалӣ; 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ; 12.00.11 – фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва ҳуқуқҳифзнамоӣ; 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ–экспертӣ; фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ) ба роҳ монда шуда буд.

Лекин бояд қайд намуд, ки аз ихтисосҳои зерин довталабон дохил шуданд: 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат – 2 (ду) нафар; 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ – 1 (як) нафар; 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ – 2 (ду) нафар; 12.00.11 – фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва ҳуқуқҳифзнамоӣ – 2 (ду) нафар, вале аз ихтисосҳои зерин: 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи муниципалӣ; 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ–экспертӣ; фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ умуман ҳуҷҷат пешниҳод карда нашуд.

Ҳоло дар шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курси якум 7 (ҳафт) нафар аз рӯйи чор ихтисоси илмӣ таҳсил доранд, ки аз онҳо 2 (ду) нафарашон рӯзона ва 5 (панҷ) нафари дигарашон ғойибона мебошанд.

Адъюктони таҳсили рӯзона–буҷавӣ инҳоянд:

**1.** Азимова Умеда Акбаровна – адъюнкти курси 1–уми таҳсили рӯзонаи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия, мавзӯи рисолаи илмӣ «Функция государства в сфере кадрового обеспечения органов внутренних дел Республики Таджикистан» барои дарёфти унвони илмии дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 28 феврали соли 2017, Протоколи № 7), роҳбари илмӣ – номзади илмҳои ҳуқуқ Хайруллоев Фаррух Сайфуллоевич.

**2.** Юсупов Юсуф Самеджанович – адъюнкти курси 1–уми таҳсили рӯзонаи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия,

мавзӯи рисолаи илмӣ «Правовые формы охраны исключительных прав правообладателя товарного знака по законодательству Республики Таджикистан» барои дарёфти унвони илмии дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 30 марти соли 2017, Протоколи № 8), роҳбари илмӣ – доктори илмҳои ҳуқуқ Носиров Хуршед Толибович.

Адъюнктони таҳсили ғоибона–бучавӣ инҳоянд:

**3.** Ғафуров Далер Азалшоевич – адъюнкти курси 1–уми таҳсили ғойибонаи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия, мавзӯи рисолаи илмӣ «Эволюция административной ответственности в Таджикистане: историко–правовое исследование» барои дарёфти унвони илмии дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 30 марти соли 2017, Протоколи № 8), роҳбари илмӣ – номзади илмҳои ҳуқуқ Тошев Амиршоҳ Мансурович.

**4.** Довудзода Сафаралӣ Давлат – адъюнкти курси 1–уми таҳсили ғойибонаи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори ШВКД дар ноҳияи И.Сомонӣ, майори милитсия, мавзӯи рисолаи илмӣ «Формирование и развитие правового статуса участковых инспекторов в Таджикистане» барои дарёфти унвони илмии дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 28 феврали соли 2017, Протоколи № 7), роҳбари илмӣ – номзади илмҳои ҳуқуқ Каримов Ҳусейн Мухторович.

**5.** Комилов Комил Ҷалолович – адъюнкти курси 1–уми таҳсили ғойибонаи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, нозири калони ШҲБ РҲБ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия, мавзӯи рисолаи илмӣ «Уголовно–правовая и криминологическая характеристика незаконного изготовления и оборот порнографисеких материалов или предметов по уголовному законодательству Республики Таджикистан» барои дарёфти унвони илмии дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 28 феврали соли 2017, Протоколи № 7), роҳбари илмӣ – номзади илмҳои ҳуқуқ Сафаров Ҳаётҷон Сайдамирович.

**6.** Нозимиён Абубакри Ҳайдарализод – адъюнкти курси 1–уми таҳсили ғойибонаи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфаттиши калони шуъбачаи назоратӣ–методии Шуъбаи тафтишотии РВКД дар вилояти Хатлон, лейтенанти калони милитсия, мавзӯи рисолаи илмӣ «Уголовно–правовая и криминологическая характеристика кражи в Таджикистане» барои дарёфти унвони илмии дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 26 январи соли 2017, Протоколи № 6), роҳбари илмӣ – номзади илмҳои ҳуқуқ Сафарзода Анвар Ислом.

**7.** Уроқов Олимҷон Тоҳирович – адъюнкти курси 1–уми таҳсили ғойибонаи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори шуъбаи нозиротии Раёсати нозиротӣ–ташкилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия, мавзӯи рисолаи илмӣ «Производство по делам частного обвинения по уголовно–процессуальному законодательству Республики Таджикистан» барои дарёфти унвони илмии дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ. (тасдиқ дар Шӯрои олимони Академия аз 28 феврали соли 2017,

Протоколи № 7), роҳбари илмӣ – номзади илмҳои ҳуқуқ Арипов Анвар Лутфиллоевич.

Адъюнктони соли таҳсили дуюм, ки 8 (ҳашт) нафар (як нафар рӯзона, ду нафар шартномавӣ) аз рӯйи 4 ихтисоси илмӣ таҳсил доранд, мавзӯъ ва самти тадқиқоти илмии худро муайян намуда, корҳои илмӣ–тадқиқотии худро идома дода истодаанд, аз ҷумла:

Адъюктони таҳсили рӯзона–буҷавӣ инҳоянд:

4. Ҳақбердиев Нуридин Облобердиевич – муаллими калони кафедраи фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар мавзуи «Деятельность адвокатуры Республики Таджикистан в годы независимости 1991–2011 гг.: исторический аспект исследования (на примере Согдийской области)» барои дарёфти унвони дараҷаи номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватан (тасдиқ дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 27 январи соли 2012, Протоколи № 5) зери роҳбарии илмии номзади илмҳои таърих, дотсент Исомитдинов Ҷурабек Бобобекович тадқиқоти илмӣ гузаронида истодааст;

5. Абдулбоқиева Нигора Мамадҷоновна – муаллими кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар мавзуи «Роль женщин в органах внутренних дел Республики Таджикистан 1991–2011 гг.» барои дарёфти унвони дараҷаи номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (тасдиқ дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 27 январи соли 2012, Протоколи № 5) зери роҳбарии илмии номзади илмҳои таърих, дотсент Исомитдинов Ҷӯрабек Бобобекович тадқиқоти илмӣ гузаронида истодааст;

6. Мавлянова Назокат Абдумановна – унвонҷӯ, собиқадори Академияи ВКД, ҳамчун унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар мавзӯи "Женские общественные организации Республики Таджикистан в годы независимости: 1991–2011 (на материалах Согдийской области)" барои дарёфти унвони дараҷаи номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (тасдиқ дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 04 июли соли 2012, Протоколи № 10) зери роҳбарии илмии доктори илмҳои таърих, профессор Ҷӯрабоев Ҷамшед Ҳабибуллоевич тадқиқоти илмӣ гузаронида истодааст;

7. Хушвахтзода Х.Х. – унвонҷӯ, муовини сардори факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қисми низомӣ, ҳамчун унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.М. Баҳоваддинов Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Органы военного управления досоветского Таджикистана в VIII – XIV историко–правовое исследование" барои дарёфти унвони дараҷаи номзади илм аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдӣк дар Шӯрои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қисми низомӣ, ҳамчун унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2012, протоколи № 2) зери роҳбарии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Буриев Имомқул Бозорович гузаронида истодааст;

8. Хокироев Азимҷон Юсупович – сардори шуъбачаи кор бо ҳайати шахсии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар мавзуи «История развития таджикской милиции в период 1917–1929 гг.» барои дарёфти унвони дараҷаи номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (тасдиқ дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон 30 майи соли 2013, Протоколи № 9) зери роҳбарии илмии номзади илмҳои таърих, профессор Ҳомидов Фурқат Муқимович тадқиқоти илмӣ гузаронида истодааст;

9. Қосимов Файзалӣ Маҳмадович – муаллими калони кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Становление и развитие оперативно–розыскной деятельности в Таджикистане (историко–правовой анализ)» барои дарёфти унвони дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01– назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (тасдиқ дар Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 майи соли 2014, Протоколи № 5) зери роҳбарии илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир тадқиқоти илмӣ гузаронида истодааст. Номбурда рисолаи илмии худро ба итмом расонида, бо мақсади риояи тартиб ва муҳлати ҳимояи рисолаи номзадӣ матни он дар сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) гузошта шуда буд. Лекин фаъолияти Шӯрои Муштараки диссертатсионии ДМ 737.004.08, ки он дар заминаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи таҳсилотии байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон» амал мекард аз 11 марти соли 2016 бо фармони Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия таҳти № 117/нк боз дошта шудааст. Оид ба давом додани фаъолият дар самти ҳимояи тадқиқоти диссертатсионии Қосимов Ф.М. ба шуъбаи адъюнктура ягон маълумоти муфассал ворид нагардидаст;

10. Мирзоев Саъдӣ Кудбудинович – унвонҷӯ, собиқадори Академияи ВКД, ҳамчун унвонҷӯи Институти сохтмонӣ ба зилзила тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи “Географические условия района Сарезского озера в Таджикистане и обеспечение его экологической безопасности” барои дарёфти унвони дараҷаи номзади илм аз рӯйи ихтисоси 25.00.22 – геотехнология тадқиқотӣ илмӣ гузаронидааст. Мирзоев С.К. то давраи ҳисоботӣ ба шуъбаи адъюнктура ягон маълумот оид ба гузаронидани тадқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои он, пешниҳод накардааст.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи мавсуф, тадқиқоти диссертатсионӣ ба итмом расида, тамоми ҳуҷҷатҳои дахлдор ба Шӯрои диссертатсионии муштараки Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ барои муайян намудани санаи рӯзи ҳимоя, пешниҳод намудааст.

Ҳамин тариқ, дар давраи ҳисоботӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 нафар докторант–унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 нафар адъюнкти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 нафар адъюнкт дар муассисаҳои олии таълимии ВКД Федератсияи Россия, инчунин, 34 нафар унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 нафар унвонҷӯ дар дигар муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣ аз рӯйи ихтисосҳои илмии гуногун тадқиқоти диссертатсиониро амалӣ намуда истодаанд (ҳамагӣ – 86нафар).

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз ҷониби роҳбарияти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 4 нафар кормандони Академия (Нуралиев С.Ш., Бухориев Б.Р., Шарифзода В., Мирзорустамов М.М.), ки муҳлати таҳсили охирин дар адъюнктура ба итмом расида, ҷиҳати андешидани тадбирҳо ва истифодабарии имкониятҳои ҷойдошта бо мақсади зудтар ҳимоя намудани тадқиқоти диссертатсионӣ, иҷозат дода шудааст.

Самти дигари иҷрои фаъолияти илмӣ-тадқиқотиро ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар, тренингҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ-тадқиқотӣ ташкил медиҳанд, ки дар соли ҳисоботӣ дар заминаи Академия доир гардиданд:

| № | Номгӯи чорабинӣ | Дар соли 2017 | Дар соли 2016 | Эзоҳ: |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Конференсияҳои байналмилалӣ | - | 1 | -1 |
| 2. | Конференсияҳои ҷумҳуриявӣ | 5 | 3 | +2 |
| 3. | Конференсияҳои ҷумҳуриявӣ бо ҷалби мутахассисони хориҷӣ | - | - | - |
| 4. | Семинарҳои ҷумҳуриявӣ | - | - | - |
| 5. | Конференсияҳои илмии академиявӣ | 21 | 20 | +1 |
| 6. | Семинар-машваратҳои илмии академиявӣ | 10 | 7 | +3 |
| 7. | Мизҳои мудаввари академиявӣ | 14 | 12 | +2 |
| 8. | Ҳамагӣ: | 50 | 43 | +7 |

| № | Номгӯи чорабинӣ | Дар соли 2017 | Дар соли 2016 | Эзоҳ: |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Шумораи умумии даъватномаҳо ба конференсияҳо | 103 | 45 | |
| 2. | Аз ИДМ | 99 | 36 | (ба ғайр аз Украина) |
| 3. | Аз дигар давлатҳо | 4 | 9 | (ҳамчунин аз Украина 3-маротиба) |
| 4. | Ба таври ғойибона (бо маърӯзаҳо) ширкат намуданд | 32 | 12 | |
| 5. | Ширкат намудан | 4 | 6 | |
| 6. | Он-лайн конференсия | 1 | - | Орел (Россия) |
| 7. | Вебинар | 1 | - | Алмато (Қазоқистон) |
| 8. | Бо сабабҳои гуногун ширкат надоштанд | 61 | 24 | Даъватнома бо муҳлати даргузашта, ё ин ки мутобиқат накардани мавзӯъ |

Дар умум аз ҷониби факултету кафедраҳо дар якҷоягӣ бо ШТИ ва ТН Академия 50 (дар соли 2016-43) маротиба конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-амалӣ, машваратҳои илмӣ, мизҳои мудаввар ташкил ва баргузор гардид. Устодони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсияҳои дараҷаҳои гуногун дар соли 2017 бо беш аз 170 (дар соли 2016-142) маърӯзаҳои илмӣ баромад кардаанд.

Дар самти мазкур чорабиниҳои хотирмон инҳоянд:

Вобаста ба иҷроиши талаботи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2016 таҳти № 16/10-52, барои дар сатҳи баланд тарғибу ташвиқ намудани ташаббуси даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор дар солҳои 2018-2028» санаи 25 январи соли 2017 конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал дар мавзӯи “Об барои рушди устувор”аз ҷониби кафедраи ҳифз дар ҳолати фавқулоддаи факултети № 5 ташкил ва баргузор гардид.

Нахуст сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р. бо сухани ифтитоҳӣ ба чорабинии мазкур ҳусни оғоз бахшида, аз ташрифи меҳмонон ба конференсияи илмӣ миннатдорӣ баён намуд.

Сипас мутахассисони сатҳи ҷумҳуриявӣ бо маърӯзаҳои мубрами зерин баромад намуданд:

1. Директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Кобулиев З.В. бо маърӯза дар мавзӯи “Манбаъҳои обӣ барои рушди устувор”;
2. Директори генералии муассисаи давлатии “Тоҷик-Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсияи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Умаров Д.М. бо маърӯза

дар мавзӯи “Баҳисобгирии захираҳои обӣ ҳамчун омили асосии рушди идоракунии устувор”;

3. Устоди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, доктори илмҳои техникӣ Раҳматуллоев Р. бо маърӯза дар мавзӯи “Барномаиислоҳоти обии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои амалӣ шудани даҳсолаи об барои рушди устувор”;

4. Устоди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Норматов А.Ю. бо маърӯза дар мавзӯи “Технологияи нави обтаъминкунӣ ва рафъи партовҳои обӣ”.

Ҳамчунин, муаллими калони кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқулоддаи факултети № 5, лейтенанти калони милитсия Нуруллозода М. бо маърӯза дар мавзӯи “Эмомалӣ Раҳмон – тарғибгари асосии рушди соҳаи об” баромад намуданд.

Яке аз самтҳои асосии муаррифӣ намудани дастовардҳои илмии олимон дар сатҳи байналмилалӣ ин иштироки мунтазами онҳо дар конференсияю симпозиумҳои чунин сатҳ маҳсуб мегардад. Дар ин самт фаъолияти омӯзгорони Академия хеле назаррас буда, онҳо дар чандин конференсия ва симпозиумҳои байналмилалӣ иштирок намуда, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад карданд ш.Тбилисӣ (Ҷумҳурии Гурҷистон), ш.Бишкек, (Ҷумҳурии Қирғизистон), ш.Алмато (Ҷумҳурии Қазоқистон), ш.Москва, ш.Санкт-Петербург (Федератсияи Россия), ш.Ереван, (Ҷумҳурии Арманистон) ш.Вашингтон (ИМА), ш.Остона (Ҷумҳурии Қазоқистон).

Дастовардҳои дигари хотирмон дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ инҳоянд:

Бори аввал дар шакли он-лайн бо маърӯза дар мавзӯи «Взаимообусловленность уголовного права и процесса в контексте правовых реформ Республики Таджикистан» профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия Юлдошев Р.Р. дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ доир ба мавзӯи «Современное уголовно-процессуальное право России – уроки истории и проблемы дальнейшего реформирования», ки санаҳои 19-20 октябри соли 2017 дар ш.Орел аз ҷониби Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Россия ба номи В.В. Лукьянов дар шаҳри Орёлбуда ташкил карда шуд, баромад намуд.

Ба ғайр аз ин, номбурда дар вебинар доир ба мавзӯи “Уголовное правонарушение и досудебное расследование: правовые новеллы в действии и взгяд в будущее”, ки санаи 25 октябри соли 2017 дар ш.Остона, Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷониби Институти қонунгузории дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Қазоқистон ташкил карда шуда буд, дар режими видеоконференсалоқа, дар музокираҳо баромад намуд. Кӯмаки техникӣ аз ҷониби Дафтари САҲА дар Тоҷикистон сурат гирифт.

Ҳамчунин, бо кӯмаки моддии UNODC, Сафоратхонаи ШМА дар Тоҷикистон ва Анҷумани ҳуқуқшиносони амрикоӣ дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ), САҲА дар Тоҷикистон сафарҳои илмии олимону устодони Академияи ВКД сурат гирифт.

Ба амсоли инҳо:

**1.** *конференсияи 5-уми байналмилалӣ* дар мавзӯи «Зан дар политсия» (ш.Тифлис, 07-10 марти с.2017). Ташкилкунанда – Бюрои байналмилалии мубориза бар зидди нашъаовар ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи Сафоратхонаи ШМА дар Гурҷистон ва Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират дар Гурҷистон (Давлатшоева А.Ш. дар музокираҳо оид ба мавзӯи омодасозии кадрҳои баландихтисос);

**2.** *конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ* дар мавзӯи «Актуальные вопросы противодействия незаконному обороту наркотиков в Кыргызской Республике и Центральной Азии» (ш.Бишкек, Ҷумҳурии Қирғизистон, 10 марти с.2017). Ташкилкунанда – Академияи ВКД Ҷумҳурии Қирғизистон ба номи Э.А. Алиев, Ассотсиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико дар Ҷумҳурии Қирғизистон (Юлдошев Р.Р. бо маърӯза дар мавзӯи «Результаты мониторинга судебных разбирательств уголовных дел, связанных с незаконным оборотом наркотических средств в

Республике Таджикистан») бо кӯмаки молиявии Филиали Ассосиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико Барномаи Волоияти Қонун дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ);

**3.** *конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ* дар мавзӯи “Таълимоти идоравӣ дар системаи ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон: мақсад, манфиатҳои ягона, ояндаи ягона” (Ведомтсвенное образование в системе МВД Республики Казахстан: единая цель, единые интересы, единое будущее) (ш.Алматои Ҷумҳурии Қазоқистон, 02 июни с.2017). Ташкилкунанда – (Имомёрбеков А. бо маърӯза дар мавзӯи “Проблемы и перспективы совешенствования системы подготовки кадров для органов внутренних дел Республики Таджикитан”) бо кӯмаки молиявии Филиали Ассосиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико Барномаи Волоияти Қонун дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ);

**4.** *семинари илмӣ-амалӣ* дар мавзӯи “Социально-экономические и политические корни идеологии экстремизма и терроризма: проблемы интерпретации” (ш.Санкт-Петербург, Федератсияи Россия, 14-15 июни с.2017). Ташкилкунанда – Донишгоҳи ВКД Федератсияи Россия дар ш.Санкт-Петербург (Сафаров Ҳ.С. бо маърӯза дар мавзӯи “Основные подходы к определению понятие экстремизма в уголовном праве”) бо кӯмаки молиявии Филиали Ассосиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико Барномаи Волоияти Қонун дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ);

**5.** *конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ* дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои ҷамъият ва политсия дар мустаҳкам намудани тартиботи ҳуқуқӣ” (Актуальные проблемы взаимодействия общественности и полиции в деле укрепления правопорядка”) (ш.Ереван, Ҷумҳурии Арманистон, 20-23 июни с.2017). Ташкилкунанда – Маҷмӯаи таҳсилотии политсияи Ҷумҳурии Арманистон (Образовательный комплекс полиции Республики Армения) ва Ассосиатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии ВКД ИДМ (Нажбудинов М.А. бо маърӯза дар мавзӯи “Взаимодействие органов внутренних дел с институтами гражданского общества в сфере противодействия преступности Республики Таджикистан”) бо кӯмаки молиявии Сафоратхонаи Амрико дар Тоҷикистон;

**6.** *семинари минтақавӣ* дар мавзӯи “Тайёр намудани системаи омӯзишӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир” (ш.Алмаато, Ҷумҳурии Қазоқистон, 11-12 июли с.2017). Ташкилкунанда – Раёсати Созмони милали муттаҳид бо ҷинояткорӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир (Нажбудинов М.А. бо маърӯза дар мавзӯи “Маълумотномаи иттилоотӣ дар бораи тайёр намудани кадрҳо дар академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон”) бо кӯмаки молиявии Созмони милали муттаҳид бо ҷинояткорӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир;

**7.** иштирок дар курси омӯзишии “Омӯзгори болаёқат” (ш.Вашингтон (ИМА), 04-11 ноябри с.2017). Ташкилкунанда – Филиали Ассосиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико Барномаи Волоияти Қонун дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ) (Акрамова Ш.М., Бобоҷонов Н.М., Назаров У.С., Саидзода З.А., Салиев М.Н., Самиҳов Б.С., Убайдуллоев Ш.Э., Хабирова Т.А.) бо кӯмаки молиявии Филиали Ассосиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико Барномаи Волоияти Қонун дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ);

**8.** *конференсияи 3-юми байналмилалии илмӣ-назариявӣ* дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои байналмилалии мақомоти корҳои дохилӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ” (Актуальные проблемы международного сотрудничества органов внутренних дел в борьбе с преступностью) (ш.Москва, 24 ноябри с.2017). Ташкилкунанда – Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия (Арипов А.Л. бо маърӯза дар мавзӯи “Международное сотрудничество противодействия преступлений совершенным с использованием современных технологий”) бо кӯмаки молиявии САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**9.** иштирок дар презентатсияи китоби “Руководство ОБСЕ по полицейской деятельности на основе оперативных данных и информацияи” (ш.Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон, 27-29 ноябри с.2017). Ташкилкунанда – ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон (САҲА дар Ҷумҳурии Қазоқистон) (Шарифзода Ф.Р., Самиев Н.М.) бо кӯмаки молиявии САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**10.** иштирок дар ҷаласаи Шӯрои машваратии дар назди Шӯрои Вазирони корҳои дохилии ИДМ (МКС СМВД СНГ) бо пешниҳодот (ш.Москва, 28-30 ноябри с.2016, Солиев К.Ҳ.) бо кӯмаки молиявии Филиали Ассосиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико Барномаи Волоияти Қонун дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ).

Дастоварди назарраси Академияи ВКД дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ ин баста шудани як қатор Созишномаҳо мебошанд, ки дар партави ҳамкориҳои дуҷониба ҷиҳати рушди фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ равона карда шудаанд. Масалан дар соли ҳисоботӣ бори нахуст дар таърихи Академияи ВКД Созишнома оид ба ҳамкориҳои дуҷониба байни муассисаи федеролии давлатии таълимоти олӣ "Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД дар шаҳри Красноярскбудаи (Сибир) Федератсияи Россия ва Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид, ки ин ҷиҳати густариши робитаҳои байни ду даргоҳи маърифат иқдоми нек мебошад.

Ба ғайр аз ин Академияи ВКД 12 маротибаи дигар Созишномаҳо бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии зерин баста шуданд: Академияи ВКД ба номи Ш.Кабилбаеви дар шаҳри Кустанайбудаи Ҷумҳурии Қазоқистон, муассисаи давлатии "Донишкадаи ҳуқуқшиносии Актюбински Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Қазоқистон", муассисаи федеролии давлатии таълимоти олӣ "Донишкадаи ВКД дар шаҳри Иркутскбудаи Федератсияи Россия (Сибири Шарқӣ)" муассисаи федеролии давлатии таълимоти олӣ "Донишгоҳи ВКД Федератсияи Россия дар шаҳри Краснодар" муассисаи федеролии давлатии таълимоти олӣ "Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Россия дар шаҳри Уфа", муассисаи федеролии давлатии таълимоти олӣ "Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Россия дар шаҳри Орёл", Академияи "Stefan cel Mare" ВКД Ҷумҳурии Молдова, муассисаи федеролии давлатии таълимоти олӣ "Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Россия дар шаҳри Ростови лаби Дон", муассисаи федеролии давлатии таълимоти олӣ "Донишгоҳи ҳимояи шаҳрвандии Вазорати ҳолатҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Белорус", муассисаи федеролии давлатии таълимоти олӣ "Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД дар шаҳри Белгородбудаи Федератсияи Россия ба номи И.Д.Путилин", Академияи ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Макан Есбулатови дар шаҳри Алматобуда, муассисаи федеролии давлатии таълимоти олӣ "Донишкадаи ҳуқуқшиносии дар шаҳри Самарабудаи Хадамоти федеролии иҷрои ҷазо".

| № | Соли бастани Созишномаҳо | | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| | 2017 | 2016 | |
| 1. | 17 | 1 | +16 |

Ҳамкориҳо байни Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Филиали Ассосиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико Барномаи Волоияти Қонун дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ) аз соли 2009 шуруъ шуда, то ҳол бомуваффаққият идома доранд.

Ҳамкорӣ бо Филиали Ассосиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико Барномаи Волоияти Қонун дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ) барои Академияи ВКД имкониятҳои навро ҷиҳати рушди ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳои махсуси системаи ВКД давлат-аъзоёни ИДМ пайдо намуда, ҷиҳати дарёфти дониш оид ба фанҳои муосир ва методикаи таълимоти политсия, баланд бардоштани нақши политсия ҳамчун мақомот, ки фаъолияташ барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона сохта шудааст кӯмак менамояд.

Дар доираи нақшаи сафарҳои меҳмонони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ва нақшаи чорабиниҳои пешбининамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрӣ ва нишастҳои илмии ҳайати профессорону омӯзгорон ва шунавандагону курсантони Академия бо як қатор меҳмонони олимақом баргузор гардид.

Аз ҷумла, вохӯрӣ бо намояндагони Филиали Ассосиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико Барномаи Волоияти Қонун дар Тоҷикистон (АБА РОЛИ) Дэвид Рубино,

муовини Ассосиатсияи мазкур Лариса Петросян, ҳуқуқшинос Хисрав Холов, роҳбари Бунёди Ҳаннс Зайдел дар Осиёи Марказӣ – доктор Макс Геогр Майер, намояндаи Бунёди Ҳаннс Зайдел дар Тоҷикистон – Сафарова Ганҷина, Директори Филиали ГОПА мбХ дар Тоҷикистон/Лоиҳаи PDV Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ Елена Максименко ва коршиноси коркарди сиёсат, ҳифзи манфиат ва афзоиши иқтидор Алишер Мирзоев, Департаменти адлияи ИМА/БТФ (FBI) Сафоратхонаи ИМА дар ш.Остона, Ҷеймс Берг – мушовир оид масъалаҳои адлияи Департаменти адлияи ИМА дар ш.Душанбе, Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Россия дар ш.Красноярск (Сибир), генерал-майори политсия Медведев И.А., ёрдамчии сардор оид ба робитаҳои байналмилалӣ, майори политсия Лоттс Д.Н., намояндагони САҲА дар Тоҷикистон Громов Д.Г., Б.Абдуллоев ва Муҳаммадиев Ҳ.Х., намояндагони Сарраёсати бехатарии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Туркия бо ҳайати Академияи ВКД (Селами Ҳунер – муовини сардори Сарраёсати бехатарии ВКД Ҷумҳурии Туркия, Серкан Озкан – сардори бехатарии дараҷаи 3-юми Раёсати Интерпол-Европол, Кенан Шенгул – сардори бехатарии дараҷаи 3-юми Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ, Ҷемил Улу – сардори бехатарии дараҷаи 4-юми Раёсати ҷустуҷӯ бо ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон, шунавандагон ва курсантони Академияи ВКД ба вуқӯъ пайваст.

Самти чоруми фаъолияти илмӣ-тадқиқоти Академия – ин нақшаи гузаронидани конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар барои ҷамъиятҳои илмии курсантони (ҶИК) мебошад.

Корҳои илмӣ-тадқиқотии курсантони Академия яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани сифатнокии тайёр кардани мутахасисони лаёқатманд мебошад, ки барои дар фаъолияти ояндаи амалии худ ба таври самаранок татбиқ намудани дастовардҳои илму техникаи муосир кӯмак мерасонад. Инчунин ин намуди фаъолият имконият медиҳад, ки чунин мутахассисон қудрати эҷодии худро, ки дар ин самт бунёд кардаанд, барои ҳалли масъалаҳои актуалие, ки дар назди мақомоти корҳои дохила истодаанд, самаранок истифода баранд. Ин ҷамъиятҳо ба самти фаъолияти кафедраҳо мувофиқ буда, мақсади такмил додани дониш ва бунёд намудани малакаю маҳорати илмӣ-тадқиқотии курсантонро пешбинӣ менамоянд.

Курсантони Академия дар баробари таълим ва омӯзиши фанҳои мухталифи соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ инчунин ба ҷамъиятҳои илмии назди кафедраҳои факултетҳои № 2, 3, 4, 5 ва 6 ҷалб гардида, вобаста ба нақшаҳои таҳиянамудаи роҳбарони ҷамъиятҳо фаъолият намуда дар ҷашну чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ дохили Академия ва берун аз он иштирок карда, дар мусобиқаҳои варзишӣ қисми зиёди онҳо ба дастовардҳои назаррас ва тӯҳфаҳои хотиравӣ мушарраф гардонида шудаанд. Ин гувоҳи он аст, ки курсантон дар 19 ҷамъияти илмии назди кафедраҳо шомил гардида фаъолияти илмиашонро дар чунин ҷамъиятҳо сайқал медиҳанд.

Тибқи қарори протоколи № 8 ШТИ ва ТН Академияи ВКД, ҷиҳати тақвият бахшидан ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотии курсантон аз кафедраҳои факултетҳои № 2, 4 ва 5 дархост карда шуд, ки роҳбарии ҶИК-ро ба уҳдаи омӯзгорони пуртаҷриба ва на камтар аз муаллимони калони кафедраҳо вогузор намоянд (мактуби ШТИваТН таҳти № 30 санаи 01 августи с.2016). Ин дархости ШТИ ва ТН аз ҷониби кафедраҳо пазируфта шуд. Имрӯз роҳбарии ҶИК-ро дар аксарияти кафедраҳо муаллимони калон, дотсентон ва профессорони кафедраҳо ба уҳда доранд ва фаъолияти онҳо зери назорати қатъии сардорони кафедраҳо қарор дода шудааст.

Дар соли 2017 кори роҳбарони ҷамъияти илмии курсантони зерин қобили қабул буда, барои дигар роҳбарон ҳамчун намуна арзёбӣ гаштанд, аз ҷумла:

– ҶИК «Мурофиачиёни ҷавон», (роҳбар – Юлдошев Р.Р.);
– ҶИК «Сивилистони ҷавон», (роҳбар – Қурбонов А.А.);
– ҶИК «Ҳомии тартибот», (роҳбар – Ғафуров Д.А.);
– ҶИК «Криминологи ҷавон», (роҳбар – Ҳикматзода Ҷ.);

– ҶИК «Давлатшиносони ҷавон», (роҳбар –М.Нуралӣ.);
– ҶИК «Забоншинос», (роҳбар – Мақсудов Р.);
– ҶИК «Дӯстдорони илмҳои ҷомеашиносӣ», (роҳбар – Самиҳов Б.С.);
– ҶИК «Ориён», (роҳбар – Юнусова М.Т., Собирова М.А.);
– ҶИК «Сипар ва шамшер», (роҳбар – Қосимов Ф.М.).

Муттаассифона баъзе кафедраҳо ба фаъолияти ҶИК ба таври лозимӣ диққат намедиҳанд, ки ин боиси ташвиш гардидааст. Мақсад аз он иборат аст, ки роҳбарони ҶИК-ҳои номбаршуда ҳоло ҳам аз рӯи қолаби карахтшуда фаъолият намуда, навгонӣ дар корашон дида намешавад, аз ҷумла:
– ҶИК «Информатика», (роҳбар – Фармонов С.);
– ҶИК «Давлатшинос», (роҳбар – Ибодзода М.А.);
– ҶИК «Ҳомии тартибот», (роҳбар – Ҷӯраева Д.);
– ҶИК «Ҳуқуқшинос», (роҳбар – Рустамов Н.Қ.).

Боиси сарбаландист, ки курсантон дар миқёси ИДМ ва берун аз он Академияро муаррифӣ менамоянд:

– шунавандаи курси 4 факултети № 3 Бозорова М.А. дар озмуни кори илмии беҳтарин байни курсантон ва шунавандагони муассисаҳои системаи таълимии ВКД Федератсияи Россия бо унвони «Деятельность подразделений участковых уполномоченных полиции», ки санаи 15 март то 25 майи соли 2017 дар шаҳри Барнаули Федератсияи Россия, аз ҷониби Донишкадаи ҳуқуқшиносии дар шаҳри Барнаулбудаи ВКД Федератсияи Россия ташкил карда шуда буд, бо кори илмӣ дар мавзӯи «Роль участкового инспектора милиции в обеспечении общественного порядка» таҳти роҳбарии Имомёрбеков А. иштирок намуд;

– Мардонов С.Р. – курсанти курси 5 факултети № 2, сержанти хурди милитсия дар озмуни кори илмии беҳтарин байни курсантон ва шунавандагони муассисаҳои системаи таълимии ВКД Федератсияи Россия бо унвони «Вопросы международного сотрудничества в борьбе с преступностью», ки санаи 15 март то 25 майи соли 2017 дар шаҳри Барнаули Федератсияи Россия аз ҷониби Донишкадаи ҳуқуқшиносии дар шаҳри Барнаулбудаи ВКД Федератсияи Россия ташкил карда шуда буд, бо кори илмӣ дар мавзӯи «Борьба с религиозно-политическим экстремизмом на примере Республики Таджикистан» таҳти роҳбарии Қосимов Ф.М. иштирок намуд;

– Одилов М.А. – курсанти курси 5 факултети № 2, сержанти милитсия дар озмуни кори илмии беҳтарин байни курсантон ва шунавандагони муассисаҳои системаи таълимии ВКД Федератсияи Россия бо унвони «Актуальные вопросы защиты участников уголовного судопроизводства; повышение эффективности деятельности подразделений по обеспечению безопасности лиц, подлежащих государственной защите», ки дар моҳҳои май-ноябри соли 2017 дар шаҳри Уфа Федератсияи Россия аз ҷониби Донишкадаи ҳуқуқшиносии дар шаҳри Уфабудаи ВКД Федератсияи Россия ташкил карда шуда буд, бо кори илмӣ дар мавзӯи «Обеспечение безопасности лиц, подлежащих государственной защите» таҳти роҳбарии Юлдошев Р.Р. иштирок намуд.

Дар соли ҳисоботӣ аз ҷониби кафедраҳо дар якҷоягӣ бо ШТИ ва ТН Академияи ВКД 24 (дар соли 2016-22) маротиба семинару машваратҳои илмӣ, мизҳои мудаввар, викторинаҳо, озмунҳо ташкил ва баргузор гардид (нигар ба ҷадвал):

| № | Номгӯи чорабинӣ | Дар соли 2017 | Дар соли 2016 | Эзоҳ: |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Конференсияҳои байналмилалӣ | - | - | - |
| 2. | Конференсияҳои (форумҳо) ҷумҳуриявӣ | 5 | - | +5 |
| 3. | Конференсияҳои ҷумҳуриявӣ бо ҷалби мутахассисони хориҷӣ | - | - | - |
| 4. | Семинарҳои ҷумҳуриявӣ | - | - | - |
| 5. | Конференсияҳои академиявӣ | 1 | - | +1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6. | Семинар-машваратҳои илмӣ | - | 2 | -2 |
| 7. | Мизҳои мудаввар | 10 | 7 | +3 |
| 8. | Викторинаҳо | 5 | 9 | -4 |
| 9. | Озмунҳо | 5 | 4 | +1 |
| 10. | Ҳамагӣ: | 26 | 22 | +4 |

| № | Номгӯи чорабинӣ | Дар соли 2017 | Дар соли 2016 | Эзоҳ: |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Мақолаҳои илмӣ | 9 | 6 | +3 |
| 2. | Бо маърӯза баромад намудани курсантони Академияи ВКД дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-амалӣ, машваратҳои илмӣ, мизҳои мудаввари академиявӣ | 58 | 32 | +26 |
| 3. | Бо маърӯза баромад намудани курсантони Академияи ВКД дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-амалӣ, машваратҳои илмӣ, мизҳои мудаввари ҷумҳуриявӣ | 3 | 4 | -1 |
| 4. | Бо маърӯза баромад намудани курсантони Академияи ВКД дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-амалӣ, машваратҳои илмӣ, мизҳои мудаввари байналмилалӣ | 5 | 3 | +2 |
| 5. | Иштирок дар озмунҳои академиявӣ | 49 | 4 | +45 |
| 6. | Иштирок дар озмунҳои чумҳуриявӣ | 3 | 2 | +1 |
| 7. | Иштирок дар озмунҳои байналмилӣ | 3 | 3 | = |
| 8. | Ҳамагӣ: | 130 | 54 | +76 |

Ҷодаи таълими варзишӣ барои профессорону омӯзгорон, ҳамчунин, курсантону шунавандагони Академия зарур аст, то бо чолокиву нерумандии ҷисмонӣ аз шаҳрвандон фарқ намоянд. Бинобар ин, мувофиқи нақшаҳои тақвимии чорабиниҳои оммавӣ-варзишии Академияи ВКД дар рӯзҳои ҷашнгирии идҳои ҷумҳуриявӣ (Рӯзи милитсия, Наврӯз, Ғалаба дар ҶБВ, 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, Конститутсия, “Соли ҷавонон” ва ғайра) мусобиқаҳои варзишӣ гузаронида шуданд. Дастаҳои яккачини варзишии Академия дар мусобиқаҳои байналмилалӣ, умумиҷумҳуриявӣ, шаҳрӣ ва миқиёси Вазорати корҳои дохилӣ ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд:

– санаи 25 сентябри соли 2017 дар шаҳри Ашқободи Ҷумҳурии Туркманистон дар мусобиқаи Бозиҳои осиёӣ дар намуди баргузор гардид, ки дар он курсанти курси 1 факултети № 2, милитсияи қаторӣ Самадова Миҷгона дар намуди «Kick Light» дар вазни 60 соҳиби ҷойи аввал ва сазовори медали тилло гардид;

| № | Аз моҳи январи соли 2016 то моҳи декабри соли 2016. | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Мусобиқаҳо | Шумора | Тилло | Нукра | Биринҷӣ | Ҷом |
| 1. | Байналмиллалӣ | 1 | 1 | - | - | 1 |
| 2. | Ҷумҳуриявӣ | 1 | 1 | - | - | 1 |
| 3. | Шаҳрӣ | 4 | 1 | 7 | 10 | - |
| 4. | ВКД «Динамо» | 13 | 42 | 34 | 10 | 11 |
| 5. | Дар ҳудуди Академия | 12 | 40 | 34 | 31 | 2 |
| Ҷамъ: | | 31 | 85 | 75 | 31 | 15 |
| Ҳамагӣ: | | 242 | | | | 15 |

Дар соли равон ба ҷониби ШТИ ва ТН Академияи ВКД дар умум беш аз 1300 (аз он беш аз 700 дар шакли электронӣ) ҳуҷҷатҳо ворид шудаанд, аз онҳо:

- 535 ҷавоб ба ҳуҷҷатҳои воридотӣ (яъне, ҳуҷҷатҳои содиротӣ);
- 400 адади ҳуҷҷатҳо бо тариқи почтаи электронӣ ҷавоб гардонида шудаанд, аз ҷумла дар самти байналмилалӣ;
- 127 ҳуҷҷатҳои ба инобат гирифташуда;
- 138 ҳуҷҷатҳое, ки аз дигар ҷузъу томҳои ВКД оид ба гузаронидани дарсҳои хизматӣ ворид гардидаанд ва аз ҷониби омӯзгорону профессорони Академияи ВКД иҷро карда шудаанд;
- 100 ҳуҷҷатҳои содиротӣ аз ШТИваТН ба дигар ҷузъу томҳои Академияи ВКД барои иҷро ва ба инобат гирифтан ирсол карда шуданд;

Фонди китобхонаи илмӣ-электронии Академияи ВКД мунтазам ғанӣ шуда истодааст. Дар соли 2017 ба китобхонаи илмӣ-электронии Академия дар умум беш аз 230 (соли 2016-223 номгӯй дар шакли электронӣ) адад китобу нашрияҳои илмӣ ворид гардиданд.

Ҳамин тариқ, самаранокии фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар соли 2017 нисбатан хубтар аст. Ҳамаи ин комёбиву муваффақият дар самти иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таваҷҷӯҳ ва рӯоварӣ ба корҳои илмӣ, ки омили асосии рушду тараққиёти ҳаёти иқтисодию иҷтимоист, сол то сол дар ҳоли густариш аст. Аз ҷониби дигар, дастгирии ҳамаҷонибаи илм аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешрафту самаранок гардидани корҳои илмӣ дар Академия мусоидат намуда истодааст.

# ҲИСОБОТ

оид ба натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017

Дар соли сипаригаштаи 2017 корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Академия дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД барои соли 2017 сурат гирифтааст.

Мувофиқи Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017, дар соли равон аз тарафи профессорону омӯзгорони Академияи ВКД корҳои зерин анҷом дода шудаанд:

1. Монографияҳо – 8 то:

**1.** *Давлатшоева А.Ш.* Современные тенденции и подходы к подготовке профессиональных кадров для органов внутренних дел Республики Таджикистан: монография. – Душанбе: Академия МВД РТ, 2017. – 175 с.;

**2.** *Рахимзода Р.Х.* Международная контролируемая поставка: монография. – Душанбе: «ЭР-Граф», 2017. – 188 с.;

**3.** *Рогова Е.В., Юлдошев Р.Р.* Уголовный проступок в контексте современных тенденций уголовной политики: монография. – Душанбе: Издательство «ЭР-Граф», 2017. – 160 с.;

**4.** *Хайдарзода Ш.Х.* Формирование профессионально-педагогической культуры курсантов Академии МВД Республики Таджикистан: монография. Под ред. академика Академии образования Таджикистана, доктора педагогических наук, профессора Кадырова К.Б. – Душанбе: ООО «Олами дониш». – 159 с.;

**5.** *Хайруллоев Ф.С.* Принцип справедливости в исламском праве: монография. 2-е издание. Душанбе: Академия МВД РТ, 2017. – 161 с.;

**6.** *Шарифзода Ф.Р., Нажбудинов М.А.* Основы взаимодействия органов внутренних дел с институтами гражданского общества в Республике Таджикистан в сфере противодействия наркотизации населения: монография. – Душанбе: «ЭР-Граф», 2017. – 248 с.;

**7.** *Шарифзода Ф.Р., Нажбудинов М.А.* Правовые и организационные основы взаимодействия органов внутренних дел с институтами гражданского общества в Республике Таджикистан в сфере противодействия наркотизации населения: монография. – Душанбе: Академия МВД РТ, 2017. – 232 с.;

**8.** *Юлдошев Р.Р., Арипов А.Л.* Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела: проблемы и перспективы: монография. 2-ое изд., испр., и перераб. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 2017. – 156 с.

**9.** Китобҳои дарсӣ – 5 то:

**1.** *Насуриён П.А., Нуралиев С.Ш., Нуриддинзода С.Н.* Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи «ЭР-Граф», 2017. – 376 с.;

**2.** *Раҳимзода Р.Ҳ.* Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми махсус. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи «ЭР-Граф», 2017. – 776 с.;

**3.** *Раҳимзода Р.Ҳ.* Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри чорум. – Душанбе: Матбааи «ВКД ҶТ», 2017. – 772 с.;

**4.** *Раҳимзода Р.Ҳ., Шарифзода Ф.Р., Солиев К.Ҳ., Арипов А.Л., Имомназаров Ф.С., Нозиров Н.А., Юлдошев Р.Р.* Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ/зери тахрири Р.Р. Юлдошев, Н.А. Нозиров, А.Л. Арипов. – Душанбе: «ЭР-Граф», 2017. – 368 с.;

**5.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан: учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Франциφорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «Таджпринт», 2017. – 492 с.

**10.** Нашрҳои илмӣ-амалӣ – 14 то:

**1.** Ваҳдат бақои миллат // Маҷмӯаи мақолаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони факултети № 4 Академияи ВКД умҳурии Тоҷикистон дар конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 20 солагии Ваҳдати миллӣ дар мавзӯи «Ваҳдати миллӣ арзишмандтарин дастоварди даврони соҳибистиқлолӣ ва нақши Пешвои миллат - Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими Ваҳдати миллӣ». – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 210 с.;

**2.** *Имомёрбеков А., Гафуров Д.А.* Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – намунаи ибрати хизмати давлатӣ (Маводи мизи мудаввар бахшида ба таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 53 с.;

**3.** *Нозиров Н.А.* ва коллективи муаллифон. Рекомендации по комплексной оптимизации ряда правовых подходов в сфере противодействия торговле людьми. – Душанбе: Изд.: «Ирфон», 2017. – 40 с.;

**4.** *Ҳайдарзода З.П., Ҳайдарзода М.П.* Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии савдои одамон: Дастури илмӣ-таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 112 с.;

**5.** *Ҳаким Ғ., Ҳақбердиев Н.* Мо аз ОБХСС… Хуҷанд: ҶСК «Набӣ Фахрӣ», 2017. – 272 с.;

**6.** Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 1 (33). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 142 с.;

**7.** Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 2 (34). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 166 с.;

**8.** Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 3 (35). Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 124 с.;

**9.** Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 4 (36). Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 162 с.;

**10.** *Солиев К.Ҳ. ва ҳайати муаллифон.* Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон». Нашри илмӣ-амалӣ. Нашри 2-юм, такмилдодашуда. – Душанбе: МОМ, 2017. – С.476;

**11.** *Холиқзода А.Ғ., Шарипов Т.Ш., Солиев К.Ҳ., Табаров Н.А., Ғафуриён А.М.* Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» (аз 26 июли соли 2014, № 1096). Нашри 2-юм, такмилдодашуда. – Душанбе, 2017. – 476 с.;

**12.** *Шарифзода Ф.Р., Назарзода Н.Ҷ.* Комиссарҳо – вазирон ва генералҳои МКД Тоҷикистон (1917-2017). – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 320 с.;

**13.** *Юлдошев Р.Р., Нажбудинов М.А.* Концепция совершенствования взаимодействия органов внутреннх дел Республики Таджикистан с институтами гражданского общества в сфере противодействия наркотизации населения: научно-практическое издание. – Душанбе: Издательство «ЭР-граф», 2017. – 36 с.;

**14.** *Юсуфзода А.Х., Гафуров М.С., Бобоназарзода Ф.Ш.* Конституционное право государств-участников Содружества Независимых Государств (сборник конституций). – Душанбе: Изд-во: «ЭР-граф», 2017. – 572 с.

**11.** Брошюраҳо – 2 то:

**1.** *Бойзода Ҷ.Ҷ.* Бардошт аз Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Академияи ВКД. 2017. – 67 с.;

**2.** *Қосимов Ф.М.* Заминагузори илм ва фанни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 110 с.

**12.** Дастури таълимӣ – 19 то:

**1.** *Абдурашидзода А.А., Назаров У.С.* Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Курси лексияҳо: воситаи таълимӣ барои курсантон ва шунавандагони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси 240120 «Ҳуқуқшинос». – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 284 с.;

**2.** *Ализода А.Ш., Нарзуллоев С.С.* Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт: дастури таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 112 с.;

**3.** *Ализода А.Ш., Ҳусейнзода С.Ҳ.* Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 120 с.;

**4.** *Аҳтамшозода С.А., Ҳомидов С.С.,* Нишондоди методӣ оид ба омода намудани корҳои контролӣ (санҷишӣ) барои шунавандагони курси 4 факултети № 3 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти Акдемия ВКД, 2017. – 22 с.;

**5.** *Ибодзода М.А., Абдураҳмонов Н.А.* Мафҳумҳои асосӣ аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ: дастури таълимӣ. Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 64 с.;

**6.** *Одиназода А.Ш., Муминов У.К.* Назарияи давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: ҶДММ «Сармад-Компания», 2017. – 92 с.;

**7.** *Парфёнов А.А., Юлдошев Р.Р., Раджабов А.З., Таджалов Д.А.* Учебное пособие по дисциплинам «Уголовный процесс» и «Криминалистика». – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 552 с.;

**8.** *Раҳимзода Р.Ҳ.* Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Ҳуҷҷатноккунӣ: парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ: Дастури таълимӣ. (Комилан махфӣ). (Оперативно-розыскная деятельность. Документирование: дела оперативного учета. Учебное пособие. – Душанбе: «Ирфон», 2017. – 212 с.;

**9.** *Сафаров Ҳ.С., Ҳайдарзода З.П., Ҳайдарзода М.П., Маҳмадзода Р.М., Шарипов И.И.* Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии савдои одамон ва тактикаи гирифтани нишондод аз гумонбаршудагон ва қурбониёни савдои одамон: дастури методӣ. – Душанбе: Матбааи РТИТ ва Н-и ВКД Ҷумҳурии Точикистон, 2017. – 64 с.;

**10.** *Солиев К.Ҳ. ва ҳайати муаллифон.* Муқовимат ба савдои одамон: таҳлил, ҳамкории байналмилалӣ ва роҳҳои инкишоф додани амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ (воситаи таълимӣ). – Душанбе, 2017. – 370 с.;

**11.** *Солиев К.Ҳ.* Ҳуқуқи байналмилалии муҳоҷират. Курси таълимии электронӣ. http://vkd.tj . – Душанбе, 2017. – 230 с.;

**12.** *Тошев А.М., Одиназода А.Ш., Кодиров Г.Н.* Теория государства и права: учебное пособие. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 204 с.;

**13.** *Холмуродов Ф.* Асосҳои гидравлика ва обтаъминкунии зиддисӯхторорӣ: дастури таълимӣ. – Душанбе: Матбааи «Дониш-граф», 2017. – 318 с.;

**14.** *Ҳайдарзода Ш., Ҳомидов А.С., Нуриддини Файз, Саидов Ф.* Асосҳои назариявии гидравлика ва термодинамика: дастури таълимӣ. – Душанбе, 2017. – 250 с.;

**15.** *Ҳалимов Ш.А., Фармонов С.Ҷ.* Таснифи пайвастагиҳои ғайриорганикӣ: дастури таълимӣ. – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 28 с.;

**16.** *Ҳусейнзода С.Ҳ., Нажбудинов М.А., Ҳикматзода Ҷ.У.* Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ: дастури таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 364 с.;

**17.** *Юсуфзода А.Х.* Основы конституционного права Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: Изд-во: «ЭР-граф», 2017. – 60 с.;

**18.** *Юсуфзода А.Х., Файзуллоев А.И.* Конституционного права Республики Таджикистан: Учебное пособие. – Душанбе: Изд-во: «ЭР-граф», 2017. – 220 с.;

**19.** *Яқубов Ф.А., Камолзода Н.К.* Хизматрасонии техникии автомобилҳои оташнишонӣ: дастури таълимӣ. – Душанбе, 2017. – 52 с.

**13.** Дастурҳои таълимӣ-методӣ – 20 то:

**1.** *Алимова Ҳ.А.* 550 – саволу ҷавоби саволномаи тестӣ аз фанни географияи Тоҷикистон бо асосҳои демографии он. – Душанбе: "ЭР-Граф", 2017. – 98 с.;

**2.** *Аҳмадов С.А., Қодиров Т.А., Раҳимзода С.А.* Калима ва ибораҳои серистеъмоли дарсӣ. – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 32 с.;

**3.** *Аҳмадов С.А., Назруддинов М.З., Қодиров Т.А., Раҳимзода С.А.* Саволу ҷавобҳои тестӣ аз фанни забони англисӣ: дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе: Академияи ВКД, 2017. – 96 с.;

**4.** *Бойзода Ҷ.Ҷ.* Этикаи милитсия: дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 68 с.;

**5.** *Бойзода Ҷ.Ҷ., Расулзод Л.Х.* Дастури таълимӣ-методӣ аз фанни низоъшиносӣ барои курсантон ва шунавандагони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – 75 с.;

**6.** *Давлатшоева А.Ш., Аҳмадов С.А., Мақсудов Р.М.* Муҳовараи тоҷикӣ-англисӣ-русӣ: дастури таълимӣ. – Душанбе: Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 68 с.;

**7.** *Давлатшоева А.Ш., Гадозода М.Д.* Саволномаи тестӣ аз фанни забони тоҷикӣ: дастури таълимӣ. – Душанбе: Академияи ВКД. 2017. – 112 с.;

**8.** *Маҳмадов С.А.* Саволнома ва санҷишҳои тестӣ аз фанни сиёсатшиносӣ: дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Меҳроҷ-Граф», 2017. – 80 с.;

**9.** *Музафаров С.З., Нарзуллоев С.С.* Сборник тестов по общей уголовного права: учебное пособие для курсантов и слушателей Академии МВД Республики Таджикистан по направлению 240120 "Юриспруденция". – Душанбе: "ЭР-Граф", 2017. – 156 с.;

**10.** *Саидзода З.А., Ғафуров М.С., Кенҷаев Ш.Ю., Ибодзода М.А.* Назарияи давлат ва ҳуқуқ: маҷмӯаи таълимӣ-методӣ. Қисми – 1. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 314 с.;

**11.** *Саидзода З.А., Ғафуров М.С., Кенҷаев Ш.Ю., Ибодзода М.А.* Назарияи давлат ва ҳуқуқ: маҷмӯаи таълимӣ-методӣ. Қисми – 2. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 372 с.;

**12.** *Сафаров Ҳ.С., Ҳафиззода Ш.Х.* Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои экстремистӣ: дастури методӣ. – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 33 с.;

**13.** *Собиров И.Ғ.* Тайёрии оташфишонӣ: дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2017. – 84 с;

**14.** *Собирова М.А.* Луғати киссагии англисӣ-русӣ-тоҷикии ҳуқуқшиносию ҳарбӣ. Қисми 1-ум. – Хуҷанд: "Меъроҷ", 2017. – 88 с.;

**15.** *Собирова М.А.* Луғати киссагӣ англисӣ-русӣ- тоҷикии ҳуқуқшиносию ҳарбӣ. Қисми 2-юм. – Хуҷанд: "Меъроҷ", 2017. – 52 с.;

**16.** *Ҳайдарзода Д.П.* Дастур оид ба гузаронидани ҷамъомади таълимӣ-саҳроӣ бо курсантони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 98 с.;

**17.** *Ҳайдарзода Д.П.* Тайёрии сафоройӣ: дастури таълимӣ-методӣ оид ба гузаронидани ҷамъомади таълимӣ-саҳроӣ. – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 108 с.;

**18.** *Ҳалимзода Д.Д.* Ҳуқуқи оилавӣ: дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе: Матбааи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 146 с.;

**19.** *Ҳалимов Ш.А., Фармонов С.Ҷ.* Моддаҳои сахттаъсири заҳрнок: тавсияҳои методӣ. – Душанбе: Матбааи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 22 с.;

**20.** *Шарифзода П.Р., Довудзода С.Д., Расулова М.И.* Тавсияҳои методӣ оид ба фаъолияти нозирони минтақавии милитсия. – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 197 с.

**14.** Барномаҳои таълимӣ – 18 то:

**1.** *Абдуллозода Н.Р., Ибрагимзода Ҷ.* Барномаи таълимӣ аз фанни «Таъмини амнияти иттилоотӣ». – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 10 с.;

**2.** *Абдулатипов У.Ҳ.* Барномаи таълимӣ аз фанни фалсафа барои гурӯҳи ҳайати фармондеҳӣ. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 32 с.;

**3.** *Ибодзода М.А.* Барномаи таълимӣ аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017 – 67 с.;

**4.** *Ибодзода М.А.* Барномаи таълимӣ аз фанни ҳуқуқи граждани. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017 – 32 с.;

**5.** *Ибодзода М.А.* Барномаи таълимӣ аз фанни ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷа. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017 – 13 с.;

**6.** *Ибодзода М.А.* Барномаи таълимӣ аз фанни ҳуқуқи оилавӣ. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017 – 16 с.;

**7.** *Ибодзода М.А.* Барномаи таълимӣ аз фанни ҳуқуқи инсон. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017 – 20 с.;

**8.** *Муллобоев М.Р.* Барномаи таълимӣ аз фанни мурофиаи маъмурӣ. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. – 20 с.;

**9.** *Муҳаммадиев Н.Б., Ваҳҳобов А.Р.* Барномаи таълимӣ аз фанни ёрии ибтидоии тиббӣ барои курсантони курси 1-уми таҳсили 2 сола, ҳайати фармондеҳӣ. – Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети № 4, 2017. – 16 с.;

**10.** *Саломов С.Б.* Барномаи таълимӣ аз фанни назарияи иқтисодиёт барои гурӯҳи ҳайати фармондеҳӣ. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 14 с.;

**11.** *Сайфиддинзода С.* Барномаи таълимӣ аз фанни тактикаи умумӣ барои курсантони бахши якум ва дуюми факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ бо ихтисоси ҳайати фармондеҳӣ (021200). – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 16 с.;

**12.** *Сайфиддинзода С.* Барномаи таълимӣ аз фанни муқаддимаи ихтисос барои курсантони бахши якуми факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ бо ихтисоси ҳайати фармондеҳӣ (021200). – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 12 с.;

**13.** *Хокироев А.Ю.* Барномаи таълимӣ аз фанни сиёсатшиносӣ барои гурӯҳи ҳуқуқшиносӣ. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 16 с.;

**14.** *Ҳусейнзода С.Ҳ.* Барномаи таълимӣ аз фанни тахассусии сиёсати зиддикоррупсионӣ барои курсантони курси 3 таҳсили 5 сола. Ихтисосо: 1-24 01 02-ҳуқуқшиносӣ. Касб: ҳуқуқшинос – мутахассиси соҳаи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия. – Душанбе: ҶДММ: «Фасл-4», 2017. – 80 с.;

**15.** *Ҷабборова М.Т.* Барномаи таълимӣ аз фанни забони тоҷикӣ барои гурӯҳи ҳайати фармондеҳӣ. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 30 с.;

**16.** *Ҷӯраева Д.И.* Барномаи таълимӣ аз фанни фаъолияти маъмурии МКД. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. – 20 с.;

**17.** *Юнусова М.Т.* Барномаи таълимӣ аз фанни фарҳангшиносӣ барои гурӯҳи ҳайатифармондеҳӣ. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – с.;

**18.** *Юнусова М.Т.* Барномаи таълимӣ аз фанни этикаи касбӣ барои гурӯҳи ҳайати фармондеҳӣ. – Хуҷанд: Факултети № 4 Академияи ВКД ҶТ, 2017. – 29 с.

**15.** Мақолаҳои илмӣ – 99 то

– маqолаҳои илмие, ки дар маҷаллаи илмии Осори Академия (Труды Академии) нашр мешаванд – 31 то:

**1.** *Абдуллоев А.Р.* Использование системного и структурно-функциональных методов в исследовании правоохранительной системы // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 2 (34). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.82-85;

**2.** *Абдулов А.М., Ҷӯраев Р.З.* Каҷрафтории ба моҷаро оқибати стресс // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 1 (33). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.65-77;

**3.** *Абдурашидзода А.А.* Отказ от совершения нового преступления осужденным как объективный показатель его исправления // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 2 (34). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.21-25;

**4.** *Абдурашидзода А.А.* Система наказаний по Уголовному законодательству Таджикистана // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 1 (33). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.23-28;

**5.** *Алиев А.Ш.* Криминологическая характеристика личности преступников, принимающих участие в вооруженных конфликтах на территории других государств // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 2 (34). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.26-29;

**6.** *Асламов Б.С., Самиҳов Б.С.* Каҷрафтории наврасону ҷавонон: омил, сабаб ва хусусиятҳои хоси иҷтимоӣ-психологии он // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 2 (34). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.86-91;

**7.** *Бобоҷонов Н.М., Шарифзода П.Р.* Амалҳои нозирони минтақавии милитсия дар ҷойи ҳодиса: муаммо ва дурнамои он // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 2 (34). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 92-96;

**8.** *Ғафуров М.Ҳ.* Такмили усули Сезар дар бадалсозии объект // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 2 (34). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.55-60;

**9.** *Давлатшоева А.Ш.* Ҷавонон ҳамчун иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 1 (33). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.78-82;

**10.** *Джураев Р.З.* Участие молодежи в политической жизни общества // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 2 (34). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.61-67;

**11.** *Исмонзода С.М.* Некоторые вопросы определения понятий контроля и надзора по законодательству Республики Таджикистан о дорожном движении // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 1 (33). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.103-106;

**12.** *Кабирзода Дж.Х.* Некоторые вопроси противодействия коррупции в Республике Таджикистан // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 1 (33). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.40-43;

**13.** *Қосимов Ф.М., Асламов Б.С.* Нақши ҷавонони Тоҷикистон дар ваҳдати миллӣ ва таҳкими он // Осори Академия (Труды Академии). Нашри № 2 (34). – Душанбе: Нашрияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.100-104;

